# ШАМЪИ ХОТИРА

## ЁДЕ АЗ БУНЁДГУЗОРОН ВА УСТОДОНИ ТАҲСИЛОТИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Душанбе: «СИНО»*

*2022*

**ТДУ: 07 (092)(575.3)**
**ТКБ: 76.2 (2 тоҷик)**
**Ш- 32**

**Шарифзода Қироншоҳ. Шамъи хотира (ёде аз бунёдгузорон ва устодони таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон). - Душанбе: «....    »: 2022. - ... саҳ.**

**Муҳаррир ва муаллифи сарсухан доктори илми филологӣ, профессор Мурод Муродӣ.**

Дар ин маҷмуа ёддошт, хотира, таассурот ва бардоштҳои муаллиф аз устодону ҳамкорон, ки бозтоби мушоҳидаҳои солҳои донишҷӯйӣ (1975-1980) ва омӯзгории (1996 инҷониб) ӯст, рӯйи чоп омадааст.

Ин зумра имрӯз бо мо нестанд, аммо кору пайкорашон, ки созандаву тарбиятбахш будааст, дар замири садҳо шогирдону ҳаммаслакон завқи касб, умеди камолот ва такомули одамиятро эҳдо намудааст. Ин маҷмуа ҳосили ҳамон меҳру садоқат аст, ки аз диди як нафар мухлису муниси чунин нафарон ба тасвир омадааст.

**ISBN 978-99985-36-13-5**

**© Шарифзода Қ., 2022**

# ЗИКРИ ХАЙР

(ба ҷойи сарсухан)

Имсол (2022) аз таъсиси факултети журналистикаи ДМТ сӣ сол пур шуда бошад ҳам, ташкили шуъбаи журналистика дар назди факултети филологияи тоҷик таърихи нисбатан тӯлонӣ дорад. Он ба соли 1966 рост меояд.

Дар ташкили шуъбаи журналистика, такмили ин ихтисос ва таъсиси факултети алоҳида шахсиятҳои гуногун саҳм гирифта бошанд ҳам, дар раванди шаклгирии таълими рӯзноманигорӣ нақши омӯзгорон ва мудирони кафедраҳо низ кам нест. Ҳар кадоме аз онҳо бо ин ё он иқдому амал дар пешрафти кори факултет ва тавъам гардидани раванди таълим ба назария ва амалияи рӯзноманигорӣ нақш гузоштаанд.

Дар ин маҷмуа ёддошт, хотира, таассурот ва бардоштҳои муаллими калони кафедраи матбуот Қироншоҳ Шарифзода дар бораи ректори вақти УДТ ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) Солеҳ Раҷабов, декани вақти факултети филологияи тоҷик Мукаррама Қосимова, масъули гурӯҳи рӯзноманигорӣ Воҳид Асрорӣ, аввалин омӯзгори ин ихтисос Хоҷабек

Зулфиқоров, деканҳои вақти факултет Абдусаттор Нуралиев, Асадулло Саъдуллоев, Пайванд Гулмуродзода, омӯзгорон Баҳриддин Камолиддинов, Давлатбек Давронов ва Дӯстмурод Бобоев, ки бозтоби мушоҳидаҳои солҳои донишҷӯӣ (1975-1980) ва омӯзгории (1996 инҷониб) ӯянд, рӯйи чоп омадааст.
Ин зумра имрӯз бо мо нестанд, аммо кору пайкорашон, ки созандаву тарбиятбахш будааст, дар замири садҳо шогирдону ҳаммаслакон завқи касб, умеди камолот ва такомули одамиятро эҳдо намудааст. Ин маҷмуа ҳосили ҳамон меҳру садоқат аст, ки аз диди як нафар мухлису муниси чунин нафарон ба тасвир омадааст.

Нигоранда дар бозтоби чеҳраи «қаҳрамонҳо» - и нигоштаҳояш ҳам аз ду сарчашмаи асосӣ – мушоҳидаҳои инфиродӣ ва манобеи хаттӣ кор гирифтааст. Ба ин мазмун, мундариҷаи маҷмуа ба ду бахш ҷудо шудааст, ки бахши аввал хусусияти бадеиву публитсистӣ ва бахши дуюм вижагии энсиклопедӣ касб намудааст.

Нигораҳои бахши аввал, ки дар қолаби жанрҳои лавҳа, эссе ва очерк иншо шудаанд, баёнгари меҳр ва садоқати муаллиф ба

шахсияҳоест, ки дар таъсиси шуъба ва факултети журналистика саҳм гузошта, бо ин ё он хислаташон таваҷҷуҳи дигарон, хосса нигорандаро ба худ ҷалб намуда, боиси ибрат шудаанд. Мушоҳида ва таассуроти муаллиф доир ба қаҳрамонҳои нигоштаҳояш сохта, қолабӣ ва хаёлӣ набуда, балки аз лаҳзаҳои муносибати устодиву шогирдӣ, ҳамнишинӣ, суҳбатҳои касбӣ ва амсоли ин ҳосил шудаанд.

Мақсади муаллиф аз таҳияи ин маҷмуа ба таври пурра ва ё шеваи таҳқиқӣ бозтоб намудани чеҳраи устодону ҳамкоронаш набудааст. Ба ин мазмун, мушоҳидаву бардоштҳои ӯ хислату характери шахсиятҳои мавриди тасвирашро пурра намо дода натавонанд ҳам, дар шинохти баъзе аз хисоили накӯи онҳо аз аҳамият холӣ нестанд. Бахусус, ба муносибати сисолагии факултет, ёд кардан аз устодону ҳамкорони марҳум, амали нек асту зикри хайр, ки шамъи хотираҳоро фурузонтар намуда, дар такомули ахлоқу рафтори намуна ва масъулиятшиносии ҷавонон таъсири мусбат гузошта метавонад.



**Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов**
**(10.11. 1912 – 01.01. 1990).**

## УСТОДЕ КОРДОН, ХОКСОР, ҒАМХОР
### (Номаи сипос пас аз солҳои фаромӯшӣ)

Солеҳ Ашӯрхоҷаевич, дуруд ба Шумо!

Иҷозат фармоед, расмиятро як сӯ гузошта, ба Шумо "Муаллим" муроҷиат намоям.

Муаллими гиромӣ, албатта, маро намешиносед, аз қатори шогирдони Донишгоҳ, шогирдони ихтисосӣ ва ҳамкасбони донишгоҳӣ низ наҷӯед, тавре ман ҳам Шуморо рӯ ба рӯ надидааму ба дастфишориатон мушарраф нагардидаам, ки хелеҳо афсус мехурам ва ҳамзамон хиҷолатзада ҳастам, ки дар зинда буданатон ба суроғатон нарафтааму аз дидори муборакӣ Шумо бенасиб мондаам.

Имрӯз бо баҳонаи тасмими дастандаркорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ҳамон Университети давлатии Тоҷикистон ба номи

В.И.Ленин, ки Шумо солҳои 1956-1971 роҳбараш будед ва таҳсилоти журналистиро асос гузоштед) дар бораи таҷлили 30-солагии факултети журналистика, Шуморо ёд кардам ва аз дил гузаронидам, ки “агар барҳаёт мебудед, ба чунин гузориши масъала чӣ бархӯрд мекардед?” ба гумони ғолиб, бо суоле ҷавоб мегуфтед: “Оё порсол 55–солагии таҳсилоти журналистиро таҷлил кардед?”

Чӣ мегуфтам, воқеан, дар ҳоле ки аз 55-солагии таҳсилоти журналистӣ касе ёд накард, таҷлили 30-солагии факултет, ба мисли тантанаҳои баъзе иду санаҳои таърихиамон ғалатӣ нест магар?

Муаллими гиромӣ, албатта, эрод намегирифтед, аз ғояти хоксорӣ ишорае ҳам намекардед, ки ташаббускору роҳандозандаи таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон Шумо будед, чун ман-манӣ ва ё худситоӣ дар бисот надоштед, тавре ки аз корномаи таъсисдиҳиии Донишкадаи ҳуқуқи Тошканд ва сарварии он солҳои 1936-1940; 1943-1945; 1949-1954, роҳбарӣ ба кафедраи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (Самарқанд, 1955-1956),

ба ғайри ду сатри хушк дар ҳолнома, ҷойи дигар нанавиштаеду нагуфтаед.

Амали нек фаромӯшношуданист, ҳар гоҳе аз мушкилоти таҳсилоти журналистӣ сухан равад, устодони аввалини ин соҳа аз Шумо ҳамчун роҳбари Донишгоҳ, ташаббускори таъсиси шӯъбаи журналистика бо меҳру сипос ёд мекарданд, вале камҳавсалагӣ ё бепарвоии моро бинед, ки аз пайи ҷустуҷӯю дарёфти ҷузъиёту тафсилоти ин корнома нашудаем.

Ҳамин чанд соле пеш, бо баҳонаи навиштани ёдномае дар бораи устод Воҳид Асрорӣ, бо хоҳиши боисрори мо, муаллим Абдусаттор Нуралиев бо қавли нақл аз декани факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон профессор Тауман Амандосов, ки Шуморо хуб мешинохтааcту эҳтироми беҳудуд қоил будааст, сарахбори таъсиси шӯъбаи журналистикаро ба ёд оварда, дар китоби "Устод Асрорӣ (Меҳрномаи шогирдон). – Душанбе, 2017, навиштанд:

"Моҳи марти соли 1966 дар Москва Анҷумани XXIII Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор шуд ва дар он журналистонро ҳамчун "фонди тиллоии Ҳизби

коммунист” эътироф карданд. Чунин баҳои баланд ба фаъолияти тарғиботии онҳо, ҳамаи созмону ташкилотҳои журналистӣ, донишгоҳҳои шӯъбаву факултетҳои журналистидоштаро водор сохт, ки тарбияи кадрҳои журналистиро барои воситаҳои ахбори омма пурзӯр намоянд. Худи ҳамон сол барои амалӣ гардонидани дастурҳои анҷуман чандин қарорҳои ҳукумату ҳизб қабул гардид.

Барои инкишофу фаъолияти журналистӣ дар вазорати маълумоти оливу созмонҳои эҷодии журналистон чораҳои махсус андешида шуд. Бинобар ин, қисми шуъбаҳои журналистикаи ҷумҳуриҳои иттифоқии Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, соли 1966 шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон ба факултети журналистика табдил дода шуд. Акнун дар Осиёи Миёнаву Қазоқистон ду факултети журналистика - дар Тошканду Алма-ато фаъолият мекард, ки таҳсил ба забонҳои русиву туркӣ буд. Дар Туркманистону Қирғизистон низ айнан чунин ҳолат буд.

Азбаски академик С. А. Раҷабов ректори кордону донишманди соҳаи худ ва фарди комилан коммунист буд, ҷавобан ба чунин

даъватҳои ҳизбу давлат бо назардошти таъмини воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бо мутахассисони баландихтисос, лозим мешуморанд, ки шуъбаи журналистикаро дар назди факултети филологияи донишгоҳ таъсис диҳанд. – Ин иқдом ташаббуси танҳо худи С.А.Раҷабов буд, - таъкид дошт декани факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон профессор Тауман Амандосов дар суҳбат бо мо, донишҷӯёни хатмкунанда. Ӯ дар охири суханаш илова намуд, ки дар шароити кунунии мо бе рухсатномаи кумитаи Марказии Ҳизби коммунист кушодани шуъбаи журналистика дар донишгоҳ баробари қаҳрамонист".

Муаллими гиромӣ, барои иқтибоси тӯлонӣ узр, чун Шумо худ дар ин бора ҷойе нанавиштаед, аз шогирдони сершумораton низ касе ин қиссаро сабт накардааст, шояд аз хоксорӣ, ки мерос гузоштаед, вале чанде пеш нигоштаи як шогирдатонро аз овони донишҷӯйӣ ва марҳалаҳои аввали таҳқиқоти илмиаш, назару муносибати некхоҳонаи Шумо дар шабакаи иҷтимоӣ хондам ва чун изҳори сипоси даҳҳо шогирдони муҳаққиқу

пажуҳишгаратон писандидам. Ёд доред, Ойниҳол Бобоназароваро, ки минбаъд рисолаи докторӣ низ дифоъ намуд, солҳое факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро сарвар буду миёни ҷомеаи ҳуқуқдонон ва ҳам ҷомеаи мадании тоҷик аз эътирофу эҳтиром бархурдор аст: “Академик Солеҳ Раҷабов 15 сол ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буданд. Дар курси якум ба мо аз назарияи давлат ва ҳуқуқ дарс медоданд. Баъди хатми Донишгоҳ маро ба ҳузурашон хонда, маслиҳат доданд, ки ба аспирантура дохил шавам ва дудилагиамро ҳис карда, бо меҳрубонӣ гуфтанд, ки роҳбарии кори илмиро ба дӯш мегиранд. Бо роҳбарии ин шахсияти шариф рисолаи номзадиро таълиф карда, ҳимоя намудам.

Солеҳ Ашӯрхоҷаевичро дар донишгоҳҳои Иттиҳоди Шуравӣ, хусусан дар Осиёи Миёна, ҳамчун олими соҳаи ҳуқуқ ва роҳбари кордон мешинохтанду эҳтиромаш мекарданд. Бо олимони шуҳратманди СССР дӯстӣ доштанд ва онҳоро барои кӯмак ба олимони ҷавони тоҷик истифода мебурданд. Устод Раҷабов ёрию ғамхориашонро аз садҳо номзаду докторҳо

дареғ надошта, дар рушди илми ҳуқуқшиносии кишвар саҳми босазое гузоштаанд.

Солеҳ Ашӯрхоҷаевич инсони ниҳоят хоксору дилсӯз буданд. Дар маркази шаҳр ҳавлии истиқоматии зебое доштанд, ки онро ройгон ба кӯдакистон туҳфа намуданд. Рӯҳи устоди азизам шод, мазорашон равшан, ёдашон гиромӣ бод!"

Муаллими гиромӣ, боз як пора аз ёдкарди ҳамкори он солҳо ҷавону ҳоло устоди собиқадори ДМТ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа Ҷумъбой Шамсиддиновро, ки солҳои ректории Шуморо давраи қоматросткунӣ ва ба маркази пешбари илмию таълимӣ табдил ёфтани Донишгоҳи он солҳо ягонаи ҷумҳурӣ арзёбӣ карда, ғамхорӣ дар ҳаққи кормандонро аз сифатҳои роҳбарии Шумо меҳисобад, зикр накарда наметавонам:

"Ба кордонию ғамхории Солеҳ Ашӯрхоҷаевич дигар роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳавас доштанду гоҳе ҳасад мебурданд. Устод Раҷабов соли 1971 тавонистанд аз бинои навсохте дар маҳаллаи навбунёди 65–уми пойтахт барои кормандони Донишгоҳ якбора 25 квартира гиранд, ки

асосан устодони ҷавони Донишгоҳ соҳиби манзил шуданд. Ин кори шӯхӣ набуд”.

Ана ҳамин хел, муаллими гиромӣ, номаам ба хотири танҳо огоҳ намудани Шумо аз тасмими таҷлили солгарди факултети журналистика ва арзи сипос барои бунёди заминаи таҳсилоти журналистӣ буд, ки беихтиёр кашол ёфт. Вале хидмати гаронарзиши Шумо, ки бегумон, хоксорона “мо танҳо вазифаамонро иҷро кардем”, хоҳед гуфт, лек дар ин ибора таърихи пайдоиш ва ташаккулу такомули як соҳаи муҳиму ояндадори таҳсилоти олӣ нуҳуфтааст, сазовори қаламӣ гардидани садҳо саҳфаи арҷгузорист.

Ёдатон гиромӣ бодо!



**Мукаррама Қосимова**
**(16.01.1933 - 02.10.2020)**

## ДУХТАРИ ЖУРНАЛИСТ

Муаллима Мукаррама Қосимоваро ҳамчун декани факултет шинохтаам. Поёни соли якуми таҳсил бароямон мисли рӯзҳои довталабӣ ба Донишгоҳ серташвиш буд, зеро тибқи қойидаи маъмул, мо, 74 нафар донишҷӯёнро бо назардошти майлу хоҳиши ҳар кас, мебоист ба чор ихтисоси мавҷуда: забоншиносӣ, адабиёти шуравӣ, адабиёти классикӣ ва журналистика тақсим мекарданд. Гӯё кори мушкиле набуд, аз рӯйхати умумӣ ба ҳар гурӯҳи ихтисосӣ 18-19 касӣ рост меомадааст, дар ҳолати баҳс ё норозигӣ, гурӯҳҳо хуб 2-3 нафарӣ кам ё зиёд мешудаанд. Вале не, на осон меафтод ин амали гӯё одӣ, чун қариб ними курси якум аз миёни чор ба як ихтисос майл доштанду ариза навиштаанд.

Барои иншонависӣ дар мавзуи озод довталабонро ба синфхона даровularанд – “ҳар касу дави аспаш”, лек бо вуҷуди дар озмун саррофӣ шудани 18-19 нафар, шиддати баҳсу мунозира, гапу калочаи тақсимоти ихтисос дар берун аз ин синфхона паст намешуд. Аз се кафедраи мавҷудаи факултет садо меомад: “Ҳамаи бачаҳои забондонро ба ихтисоси журналистика шавқманд карданд”; “Ин журналистикаро ба сари мо боз бор карданд”; “Замдекан, ки худ журналист аст, бачаҳои болаёқатро ҷудо карда мегирад”... Танҳо дар кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР, ки таълими гурӯҳи журналистика ба уҳдааш буд, оромӣ ҳукмронӣ дошт. Ҷавоби устод Асрорӣ ба хоҳишу таъкиди декан “муаллим, худатон ҷиддӣ назорат кунед, ки дар тақсимот ноҳаққӣ нашавад”, “Мукаррама Набиевна, хотирҷамъ бошед, мо студенти журналистшавандаро аз гӯшаш кашида намегирем, баъди иншо ду зинаи дигар ҳаст, аз дигар кафедраҳо касе мехоҳад, биёяд, назорат кунад”, мавқеи “кафедраи Асрорӣ”-ро ифода менамуд.

Аз курси дуюм дарсҳои ихтисосии журналистикаамон шуруъ гардид. Охирҳои моҳи сентябр ғайриихтиёр ба гуфтугӯйи декани факултет ва мудири кафедра шоҳид шудам.

- Муаллим, ана, Иброҳимҷон ҳам ҳимоя карда, ба паҳлуи Шумо ва Нуралиев баргаштанд, дарсҳои ихтисосӣ, асосан соҳиб пайдо кард, ана-мана нагуфта, замина барои кафедраи журналистика ҳам гузошта мешавад, - бо табъи болида мегуфт декан.

- Ҳа, Мукаррама Набиевна, бад не, ба Нуралиев сабуктар шуд, Зулфиқоровро баргардонида овардан даркор, баъд дар фикри кафедра шавем, ҳоло ҳамин ихтисосро аз бахилону нотавонбинон ҳимоя карда тавонем, - андешамандона ҷавоб доданд устод Асрорӣ.

- Ихтисоси журналистӣ барои мову Шумо не, барои ҷумҳуриамон зарур аст, ки инро Шумо муаллим, аз ман беҳтар медонед, бинобар ин, азму талошро барои таъсиси кафедраю шуъба набояд кам кунем, - дар сухани Мукаррама Набиевна оҳанги қатъият ҳис мешуд...

Дар курси сеюм таҳсил доштем, ки рӯзе дар фазои бинои таълимии 6-уми Донишгоҳ

аввал овоза, баъд эълони расмӣ садо дод: декани факултет иваз шуд, ба ҷойи Мукаррама Қосимова, Маҳмуд Давлатовро декан таъйин карданд.

Бо сабабҳои баровардани газетаи деворӣ, навиштани гузоришу маърӯза ва кори курсӣ ба кафедра даробароямон бештар мешуд ва табиист, ки устод Асрорӣ бароямон торафт дастрастар, мавзуи суҳбату гуфтугӯҳоямон васеътару озодтар мегардид. Рӯзе дар омади гап гуфтам, ки ба тасаввурам, декани пештараамон ба ихтисоси мо таваҷҷуҳи бештар дошт.

- Сабабашро дар чӣ мебинӣ? – сигорро дуд дода, синчакорона нигоҳ карданд устод.

- Лекин ин тарафашаро фикр накардаам, - бепарво гуфтам.

- Рост мегӯӣ, Мукаррама Набиевна ҳамчун декан, ба ихтисоси мо таваҷҷуҳи зиёд доштанд. Охир, духтари журналист-дия, хоҳ-нохоҳ хун мекашад. Чӣ, намедонистӣ магар, ки муаллима духтари Набӣ Фахрӣ аст?

- Хондаам, ки Набӣ Фахрӣ аз хабарнигорони фаъоли матбуоти солҳои охири 20-ум ва аввали 30-юми тоҷик аст, лек ростӣ,

намедонистам, ки муаллима Қосимова духтари он кас ҳастанд, - гунаҳкорона иқрор кардам...

Баъдтар аз навиштаҳои муаллифони огоҳ ва суҳбатҳои ҳамкасбон хондаву шунидам, ки Мукаррама Қосимова дар оилаи яке аз поягузорони журналистикаи тоҷик шодравон Набӣ Фахрӣ таваллуд шудааст. Тавассути падари меҳрубон ва зиёиёни тоҷик, аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров, Абдулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, ки дар хонаи онҳо мунтазам меҳмон мешуданд, меҳраш ба забону адабиёти тоҷик афзудааст.

Чунин шуда, ки муаллима Қосимова ба гурӯҳи мо дарс нагуфтаанд, лек ду соли аввали донишҷӯйӣ аз нармгуфторию меҳрубониҳои ӯ ҳамчун роҳбари факултет, баҳраманд шудаем, солҳои минбаъдаи таҳсил ва даҳсолаҳои дигар низ, муаллима Қосимова бароямон тимсоли як бонуи зебочеҳра, хушлибосу хушрафтору маҳингуфтор боқӣ мондааст. Ҳар боре, ки муаллимаро медидем ва ё дар бораашон мешунидем, ифода ё сифати “духтари журналист” сурату сирати зебои ӯро зеботару ҷаззобтар месохт.

Мукаррама Қосимова муаллифи даҳҳо китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълим ва асарҳои илмию оммавӣ мебошанд, ки барои мутолиагар аз хонандаи мактаб то донишҷӯ, аз муҳаққиқи соҳа то олимони соҳаҳои дигар, фаҳмо мебошад. Ҳадафи муаллима ба ҳайси муаллиф, хоҳишу дархости муаллима чун олим аз дигар ҳамқаламон низ тоза нигоҳ доштани забони модарӣ, риояи бемайлони меъёри забони адабӣ, арҷгузорӣ ба осори ниёгон ва саҳмгузорӣ дар омӯзишу рушди он будааст. Чунин таъкиду дархости Мукаррама Қосимоваи забоншинос аз аҳли қалам дар пешгуфтори китоби арзишманди "Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан" (Душанбе, 2005) бо эҳсоси масъулияти сухан ва дилсӯзӣ баён гардидааст: "Маълум аст, ки ба забономӯзии оммаи васеъ натанҳо мактаб, китобҳои дарсию бадеӣ, балки забони ахбори омма низ мусоидат мекунад ва ёрӣ мерасонад. Аз ин сабаб, забони ахбори омма бояд шево, равон, оммафаҳм, орӣ аз унсурҳои бегонаи нодаркор бошад. Дар забони ахбори омма корбаст шудани ҷумлаҳои печ дар печи душворфаҳм мувофиқи матлаб (мақсад) нест, зеро чунон ки маълум аст, аз

забони ахбори омма ҳама (аз кӯдак то калонсол, аз бесавод то саводнок) бархӯрдор мегарданд. Яъне, дар инкишофу густариши меъёрҳои забони адабӣ ахбори омма нақши ниҳоят бузург дорад ва, аз ин рӯ, услуби ахбори омма, махсусан матбуот, дар системаи услубҳои забони адабӣ мавқеи муҳим ва махсусро ишғол менамояд ва ин услуб (публитсистӣ) бояд аз ҳама гуна такаллуф орӣ ва оммафаҳм бошад".

Дар бораи зарурати бозгашт ба алифбои хати ниёгон бисёр гуфтаанду навиштаанд, бо танаффусҳои гоҳе тӯлонӣ ва гоҳе ҳам кӯтоҳ, баҳсу мунозираҳои тунду тез ҳам оростаанд, вале аз зарурат ва тарзу воситаҳои омӯзиши он кам гуфтаанд. Мукаррама Қосимова аз камшумор зиёиёни мо буданд, ки бо худнамоӣ баҳс накарданд, балки хеле пештар, бо эҳсоси зарурати омӯзиши хати ниёгон, аз пайи ислоҳи вазъ шуда, ба амал даст заданд. Китоби мондагори "Хат ва имлои матни классикии тоҷик"-и муаллима соли 1969, дар айёме таълифу нашр гардид, ки орзуи ислоҳи хату алифбо ҳанӯз тобиши мубоҳиса нагирифта, ҷуръати даст задан ба чунин амал пайдо нашуда буд. Бо вуҷуди дастури таълими

донишҷӯёни факултетҳои филологӣ зерунвон доштан, "Хат ва имлои матни классикии тоҷик" аз ҷониби аҳли мутолиа хуш истиқбол гардид ва солҳои 1976, 1989, 2000 ва 2010 бознашр шуд, ки бешубҳа, нишонаи ҷавобгӯйи тақозову талаботи рӯз будани осори илмию оммавии муаллиф аст.

Ва ба гумони ғолиб, ба таълифу нашри ин китоби мондагор даст задани Мукаррама Набиевна навъе арҷгузорӣ ба ёду ёдгори қиблагоҳашон низ буда, ки бо ҳамин хату имло дар сафи бунёдгузорони журналистикаи тоҷик номнавис шудааст...



# ВОҲИД АСРОРӢ
## (07.11. 1917 – 03.06. 1996)

## ҲИКМАТИ АСРОРӢ

Аз миёни муаллимону кормандони факултет барои мо, донишҷӯёни солҳои 1975 - 1980, устод Асрорӣ наздиктару дастрас буданд. Аввалҳо фикр мекардем, ки сабаби ин шояд ба кафедраи устод Асрорӣ тааллуқ доштани ихтисоси мо – журналистони оянда бошад. Зеро гузаштани дарсҳои ихтисос, навиштани корҳои курсию дипломӣ, маърӯзаю гузоришҳои илмӣ ва баргузор намудани маҳфилу нишастҳои ихтисосӣ донишҷӯёнро водор месохт ба ин ё он кафедра бештар даробаро кунанд ва дар баробари роҳбарию ҳамкории муаллимони қаторӣ, барои маслиҳату машварат ба мудири кафедра муроҷиат намоянд.

Ёдам меояд солҳои аввали донишҷӯйӣ, мо ду нафар ҳамкурсон барои пурсидани маслиҳате

бо роҳбаладии муаллими нисбатан ҷавон, ба ҳузури устод Асрорӣ даромадем. Баъди шунидани ҷавоби арзи матлаб, пуштнокӣ сӯи дар рафтем.

– Исто, ҳар дуи ту! – гуфтани устод боздоштамон.

– Шумоён-ку журналист шуданӣ, пас чаро ин қадар беҷуръатед. Бо ман – муаллими худ, ин хел хойида – хойида гап мезанед, пагоҳ журналист шуда, аз котиби райкому вазир чӣ тур интервю мегиред?

Бар асари ҳамин воқеа буд ва ё ба муҳити донишҷӯйӣ пурра ворид шудан, ягон маслиҳат лозим ояд, ё арзи ниёзмандии дигар, бе раҳнамоӣ ё кӯмаки муаллиме, ба устод муроҷиат мекардем. Барои ба устод Асрорӣ муроҷиат намудан, яъне аз ӯ мадад ҷустану пуштибонӣ хостан, сабаб пайдо мешуд.

Устод Асрорӣ дар суҳбат самимӣ буданд, ба мисли баъзе устодон ҳамту барои расмият аҳволпурсӣ намекарданд, балки тарзу оҳанги пурсупосу ҳолпурсиашон худ ифодагари самимият буд: "Оё камбуде, мушкиле надорӣ, агар "ҳа", беистиҳола бигӯ". Дар омади гап, аз вазъи хонавода, аз он ки стипендия мегирем ё

не, мепурсиданд. Мо ҳам бо устод унс гирифта будем, “садди” ноаёни миёни муаллиму донишҷӯ бардошта шуда буд, ки дарвоқеъ, дигар муаллимони шоҳиди гуфтугузорҳои мо баъзан бо ҳайрат назар мекарданд.

Боре шарикдарсамон Ҳомидҷон, ҷавони паҳлавонҷуссаи хушчақчақ (равонаш шод бод!), гуфт:

- Устод, ҳамааш нағзу ҳамин рӯзҳои охири моҳ дер мегузаранд, то стипендия касе нест, ки қарз дода истад, барои аз Шумо пурсидан дил намешавад...

- Ӯ, балое, ана, аллакай пурсидӣ – ку, - устод Асрорӣ ба завқ хандиданду аз ҷайб 10-сӯмае бароварда ба ӯ дароз карданд ва ба мо нигариста, илова намуданд:

- Ана, ҷуръати ин ҳамкурсатона бинед, аз ман пул мегирад, баъд шояд назди Иброҳимҷон рафта, боз ҳамин гапро гӯяд. Майлаш, ҳар вақте лозим шуд, 5 сӯм, 10 сӯм медиҳам, лекин Иброҳимҷонро бисёр ғорат накунед, ҳоло муаллими ҷавон аст.

Ишораи устод Асрорӣ ба саховатмандии муаллим Иброҳим Усмонов буд, ки баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ дар Донишгоҳи

давлатии Маскав, ба факултет баргашта, гурӯҳи моро баъди дарсҳои ихтисосӣ, ба тамошои осорхонаю театрҳо мебурд ва албатта, харҷи роҳу билет, баъзан чою қаҳва аз кисаи ӯ бармеомад.

Боре бо ҳидояти муаллими дарси ихтисос Иброҳим Усмонов чун натиҷаи дарсҳои амалӣ, дастаҷамъона газетаи деворӣ баровардем. Чун газетаи деворӣ маҳсули санҷиши қалам ё худ «дастросткунӣ» аст, аз жанрҳои гуногуни журналистӣ истифода бурда, дар чанд шаржу эпиграмма деканатро танқид кардем. Аз он ки газетаи ба девор овехтаи моро донишҷӯён ва муаллимон низ, ба шавқ мутолиа доранд, руҳбаланд хона ба хона рафтем, бехабар аз он, ки рӯзи дигар ғазабу «истинтоқ»-и деканат интизорамон аст.

Ба декану муовинаш ва комсорги факултет гапамон нагузашт, «насиҳати» бисёр шунидану гӯшмол гирифтанамон ҳеҷ гап не, моро гуфтанд, ки газетаро бо дасти худамон аз девор канему дигар бо ин «номаъқулӣ» машғул нашавем.

Шонздаҳ нафар - гурӯҳи журналистон, додхоҳӣ ба назди устод Асрорӣ рафтем.

Матлабамонро баён карда будем, ки муаллим Усмонов ҳам ба кафедра ворид шуданд.

– Иброҳимҷон, аз ҷанҷоли газетаи инҳо хабар дорӣ? – пас аз салому алейк пурсиданд устод.

– Аз газетаашон хабар дорам, навакак хондам, бад не, вале аз ҷанҷолаш не, – бо маънои чӣ гап шуд, сӯи устод нигаристанд Усмонов.

– Ман ҳам хондам, нағз… – дар лабони устод табассум пайдо шуд, – ба деканат танқид нафоридаст-дия, инҳоро ҷанг карданд. Ё ягон гапи зиёдатӣ навиштаанд-мӣ?

– Ман дахолат накардам, яъне сензор набудам, худи бачаҳо мустақилона бароварданд. Охир худатон доим мегӯед-ку «журналистон бояд боҷуръат бошанд», – ҳозирҷавобии муаллим Усмонов моро руҳбаланд мекарду медидем, ки ба устод низ хуш меомад.

– Дуруст. Ҳамин тур бояд бошад, – ба мо нигаристанд устод Асрорӣ, – шумоён ҳақ ҳастед, Иброҳимҷон ба комсоргу муовини декан мефаҳмонанд, бо Маҳмуд Давлатович худам суҳбат мекунам.

Газетаи мо то шумораи навбатӣ дар девор овезон буду рӯзи дигар декани факултет Маҳмуд Давлатов (равонашон шод бод!) ба синфхонаи мо даромада, бо зарофатгӯйии ба худаш хос, эълом дошт, ки чун ҷазо газетаи деворӣи факултетро минбаъд мо бояд барорем. Мазмун, декани факултет на танҳо ба дил кина нагирифтааст, балки ҳунари бачаҳои гурӯҳи моро эътироф низ кардааст.

Таҳти роҳбарии устод Асрорӣ дар мавзуи "Публитсистикаи Бобоҷон Ғафуров" рисолаи дипломӣ менавиштам. Тибқи тартиби муқарраршудаи он солҳо, ки дипломнавис рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта ба кафедра ҳозир шуда, аз рафти кор ҳисобот медод, дафтари ғафси маводи аз китобҳову дӯхтаҳои нашрияҳо ҷамъоваришударо ба устод нишон дода, хостори оғози иншои рисола шудам.

- Исто, саросема нашав, оё аз давраи бачагию наврасии Бобоҷон Ғафуров чизе ёфтӣ? – пурсиданд устод.

Ростӣ, чунин суолро интизор набудам ва бо ишораи "не" сар ҷунбонидам.

- Ана, дидӣ, интур ки бошад, ҳанӯз материалат басанда нест, тайёриатро бин,

ҳафтаи оянда ба зодгоҳи  Бобоҷон Ғафуров командировка меравӣ.

Рӯзи душанбеи аввалҳои моҳи март буд. Устод номаи расмӣ аз номи мудири кафедра ва розигии садорати факултетро ба дасти лаборанти кафедра дода, гуфтанд, ки ҳамроҳи ман ба муҳосиботи Донишгоҳ рафта, ҳуҷҷатҳои сафари хидматиро ба расмият дарорад. Пагоҳаш, пеш аз сафар, фаҳмониданд, ки дар деҳаи Исфисор мӯйсафедони ҳамсояҳавлии Бобоҷон Ғафуровро як-як бубинам, ҳамроҳашон суҳбат кунам, дар чойхонаи деҳа бо мӯйсафедон вохӯрам, аз солҳои пеш, аз даврони бачагию наврасӣ, оғози фаъолияти меҳнатии Бобоҷон Ғафуров пурсам, дар редаксияи газетаи ноҳиявӣ дӯхтаҳои аввали солҳои сиюмро варақгардон намоям, бо мӯйсафеди донишманди қистакӯзӣ Абдуғаффор Ҳасанов низ ҳатман вохӯрда, китобхонаашро тамошо кунам.

Дарвоқеъ, то ҳимояи рисолаи дипломӣ, бо шарофат ва пойфишориҳои устод Асрорӣ, охирҳои апрели ҳамон сол, ҳамчун ғолиби маърӯзаҳои Конференсияи илмии апрелӣ дар мавзуи “Нашрияҳои фронтии тоҷикӣ” ба

Конференсияи илмии умумииттифоқии студентон, ки ба ифтихори 35–солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳри Киев баргузор мешуд, ширкат доштам. Пойфишории устод Асрорӣ дар он буд, ки дар муҳосиботи Донишгоҳ бо баҳонаи “ба студент дар як сол ду сафари хидматӣ мумкин нест”, нахостанд сафархарҷӣ диҳанд. Ба худ гуфтам, ки “модоме тартиб чунин аст, бошад”. Вале Пайванд Гулмуродзода (руҳаш шод бод!), ки дар бахши аспирантон ва олимони ҷавон ғолиб омада буд, шояд ба хотири танҳо нарафтан, ба кафедра хабар додааст, ки “муҳосибот ба студент сафархат надод”.

Устод Асрорӣ аз ин огоҳ шуда, фармудаанд, ки маро ёфта биёранд.

- Чӣ, ба пули Университет дилат сӯхт, ё ба командировкаравӣ хушат нест? – бо табассуми ба худ хос пурсиданд аз ман.

Баъди фаҳмидани қиссаи баҳсамон бо сармуҳосиб ва тасдиқи он аз ҷониби аспиранти кафедра Пайванд, ҷувдонашонро аз рӯйи миз гирифтанд:

- Биё, рафтем ба назди ҳамон муҳосибат!

Сармуҳосиб ҳамон баҳона – сабаби гуфтаашро такрор намуд.

- Ин студент Киев ба тамошо ё бозор себфурӯшӣ намеравад, ба конференсияе, ки бо қарори Вазорати мактабҳои олии мамлакат баргузор мешавад, роҳхат дорад. Аз пули барои татқиқоти илмию тарбияи илмии аспирантону студентон ҷудошуда меравад, на аз пули кисаи ту! – бо қаҳр ҷувздонро рӯйи мизи сармуҳосиб заданд устод.

Ҳамин лаҳза аз тасодуф буд ва ё садои баланди баҳс, ки аз дари нимроғи дафтари сармуҳосиб котиби парткоми Донишгоҳ Тӯйғун Каримов давида даромад ва устод Асрориро ором кардаву ба сармуҳосиб бо оҳанги тезутунд кимчиҳое гуфт.

Котиби партком пас аз чанд дақиқа роҳхати хонапурикардашударо бо ишораи ҳаҷми маблағи сафари хидматӣ аз дасти сармуҳосиб гирифта, ба мо доду бо узру маънӣ устодро то баромадгоҳи Бинои марказии Донишгоҳ гуселонид...

Шоири маъруф Боқӣ Раҳимзода, ки бо устод Асрорӣ риштаи дӯстӣ доштанд, шояд барои ҳалли мушкиле мурочиат намуда бошанд, ки пешгуфтори хоҳишашонро бо мисраъҳои зайл ифода карда:

**Асрориё, ту дасти мадад дароз кун,**
**Ин бандаро зи лутфу карам сарфароз кун.**

Ва ё аз шоирони маъруфи муосирамон Низом Қосим, ки дарвоқеъ, аз устод Асрорӣ панҷ сол дарси касб, сабақи зиндагӣ омӯхтааст, хислатҳои фурӯтанию меҳрубонӣ, одиливу шогирдпарварии устод Асрориро чӣ муъҷаз гуфта:

**Басо устодҳо чун ҳазратону хоҷагон буданд,**
**Ба шогирдон валекин ҷӯра буду ёр Асрорӣ.**

*"Устод Асрорӣ инсоне буд нексиришту накӯкор, омӯзгор, устод ва рафиқе буд нотакрор. Ростқавлу ростгӯ, ҳақиқатҷӯву адолатхоҳ буд устод Асрорӣ. Шахсияте буд шириниву талхии зиндагиро чашида, дар ҷанги зидди душман обутоб ёфта, душвориҳои ҳаёти баъдиҷангиро ба чашми худ дида, дар соҳаи адабиёту журналистика қалам кашида. Дар ҷодаи илму дониш пешрав, ҷаҳонбинии васеи ба худ хосе дошт" (Абдусаттор Нуралиев, профессор).*

*"Воҳид Мирашурович Асрорӣ аз зумраи бузургтарин инсонҳое буданд, ки дар замони шуравӣ дар ДДТ дарс медоданд. Виҷдони пок, сухани рост, дили пур доштанд. Ҳеҷ вақт аз гапашон намегаштанд. Сахтгап буданд, аммо*

*самимӣ ва ғамхор. Марди замонавӣ ва озодипараст ва дар фаҳмиши имрӯза иродаи демократӣ доштанд. Рафторашон мисли ашрофзодаҳо менамуд. Агар ба ҳақиқате бовар кунонда тавонед, мушкилро пурра худашон ҳал мекарданд” (Иброҳим Усмонов, профессор).*



**Хоҷабек Зулфиқоров**
**(15.08, 1939 – 26.09, 1999)**

## МУАЛЛИМИ АВВАЛИН

- Тоҷикписаре, ки дар қатори аввалинҳо аз тоҷикон, факултети журналистикаи Университети давлатии Маскав, ба номи Ломоносовро хатм кардааст, боз бо дипломи аъло;

- Тоҷикписаре, ки баъди хатми УДМ бо роҳхати тақсимоти Комиссияи давлатӣ дар идораи умумиттифоқие дар Маскав ба кор мондааст;

- Тоҷикписаре, ки ба духтари маскавӣ ошиқ шуда, волидайни мансаббаланди духтарро розӣ кунонида, дар Маскав базми арӯсӣ оростааст;

- Тоҷикписаре, ки пас аз як сол, аз баҳри кору вазифа, зани ҷавону духтарчаи ширхорааш гузашта, Маскавро тарк кардааст;

- Тоҷикписаре, ки бо дипломи маълумоти олии журналистӣ ба шогирдони аввалини шуъбаи навтаъсиси журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дарс гуфтааст;

- Тоҷикписаре, ки чанд дафтари шеър эҷод карда, вале шеъре ба табъ нарасонидааст, илло як боре аз минбар хондани шеъри ба духтараш Лола бахшида;

- Тоҷикписаре, ки духтари ягонааш пас аз 52 соли ҷудоӣ ба суроғи падар омада, қабри 18–солаи падарро вохӯрдааст...

Ин тоҷикписар Хоҷабек Зулфиқоров аст, муаллими ҷавони журналистон, ки устод Асрорӣ “Зулфиқоров якрав, вале якравию нозашро бояд таҳаммул кунему бардорем”, тавсиф мекарданд.

Вале боиси хиҷолат аст, ки дар бораи муаллим Хоҷабек Зулфиқоров маълумоти хаттӣ кам дорем. Сабаб беҳавсалагиамон асту бас, вагарна, эшон аввалин муаллими дипломи журналистидори журналистика аст, ки аз оғози таҳсилоти олии журналистӣ дар Тоҷикистон (1966) то охири умр (1999), бо танаффусҳои миёнадаврӣ дар шуъба, минбаъд факултети журналистика, дарс гуфтаанд.

- Мо донишҷӯёни солҳои шастум, Хоҷабек Зулфиқоров, ин муаллими беунвону ҷавонро ҳам аз нигоҳи одамгарӣ, ҳам аз нигоҳи таълим, ҳам аз нигоҳи одоб ва инсоф аз бисёр муаллимони унвондор, ки дидему донистем, ба маротиб боло мегузоштем, - ёдовар мешаванд устод Иброҳим Усмонов ва нақл мекунанд, ки муаллим Зулфиқоров шогирдонро бо жанрҳои журналистика шиносониданд, навиштаҳои шогирдонро мехонданд ва ислоҳ мекарданд ё роҳи ислоҳашро мегуфтанд, азбаски бо забони тоҷикӣ асаре дар бораи журналистика чун таҳқиқ ё китоби дарсӣ мавҷуд набуд, маҷбур мекарданд, адабиёти дарсӣ ва илмии русиро омӯзанд.

Чанд соле ифтихори ҳамкорӣ дар як кафедра бо муаллим Зулфиқоров доштем. Муаллим мудом мегуфтанд, ки тартиби маъмулии таҳсилоти олӣ чунин аст, ки вақте китоби дарсӣ ё дастури таълими фанне нест, лозим меояд донишҷӯён бештар лексияи устодро нависанд, вале хоҳу ноҳоҳ аксари донишҷӯён чунин дарсу чунин муаллимро чандон хуш надоранд. Муаллим Зулфиқоров инро аз таҷриба мегуфтанд, нек мефаҳмиданд

ва хуб медонистанд, ки бисёре аз китобҳои ихтисосӣ бо забони русӣ ҳам дар китобхонаҳо нестанд, аз ин ҷо, барои дилбазан нашудани лексия китобу маҷаллаҳои ихтисосиро аз хона меоварданду мефармуданд, ки донишҷӯён бо навбат мутолиа намоянд.

Нимаи дуюми солҳои 90–ум солҳои вазнин буд. Маоши кам, он ҳам сари вақт пардохт намегардид, манзилгоҳу синфхонаҳои хунук, мушкили нақлиёт, бесарии силоҳбадастон, ки аз ҷабри онҳо ҳатто синфхонаҳои Шаҳраки донишҷӯён эмин набуд. Дар чунин вазъу ҳолат бомаром идома доштани раванди таҳсилот ба туфайли масъулиятшиносию фидокории муаллим Зулфиқоров барин устодони Донишгоҳ имкон дошт.

- Ин рӯзҳои вазнин ҳам мегузарад, - мегуфтанд муаллим Зулфиқоров сигори “Прима”- ро дар байни ангуштони аз зарби дуди сигор зардшудаашон фишурда, - муҳимаш, ҳар кас кори худашро аз рӯйи виҷдон иҷро кунад.

Мо, муаллимони ҷавон аз хушбинии муаллим Зулфиқоров ростӣ, ҳайрон мешудем,

чун медидем ва медонистем, ки рӯзгори ин ҳамкори нисбатан калонсоламон аз дигар устодон бенавотар асту серу пуртар нест, вале дигаронро таскин медиҳаду ба ҷиддӣ кор кардан даъват дорад. Аз тарафи дигар, ба худ мегуфтем "таскини дигарон аз барои таскинёбии худ аст" ва хоҳиш мекардем аз саргузаштҳои намакинашон нақл кунанд. Ба хусус  Саъдулло Ҳайдарӣ, ки миёни ҳамкорон бо хушгӯйиву ҳозирҷавобӣ маъруф аст, нӯги гапро аз воқеаву ҳодисаҳои хандадори пештар шунидааш кушода, муаллим Зулфиқоровро ба ҳолу ҷонаш намемонд.

- Хайр, майлаш, барои хушҳолии шумоён хизмат мекарда бошад, нақл кардан мумкин, - чашмонро нимпӯш карда, гӯё воқеаро ба ёд меоварда бошанд, ба нақл меоғозиданд муаллим Зулфиқоров.

“Чашми муаллим Зулфиқоров ба Ҳайдарӣ афтод, ки борхалта дар даст аз бинои факултет мебарояд.

- Ҳа, Саъдулло, бори вазнин бардоштӣ, дар ин бепулиҳо?

- Он қадар вазнин ҳам не муаллим, ба устодони факултет камтар гумпомош дода будаанд.

- Ба ҳама ва ё ба устодони ҷавон?

- Ба ҳамаи устодон, хоҳ пир хоҳ ҷавон, муаллим. Ҳиссаи Шумо дар кафедраатон будагист.

Муаллим Зулфиқоров аз роҳ баргашта, суръати қадаммониро тезонида, вориди кафедра мешаванд ва дар рӯйи мизу гирду атрофи он чизе намебинанд. "Шояд каси дигар набарад гуфта, дар кабинети мудир монда бошанд" – аз фикр мегузаронанд муаллим ва дари мудири кафедраро мекашанд.

- Ҳа, Зулфиқоров, тинҷӣ, баргашта омадӣ? – бо ҳайрат мепурсанд устод Асрорӣ.

- Аз роҳ баргаштам, барои гирифтани ҳиссаам омадам.

- Ҳиссаи чӣ, чӣ гап худаш?

- О, ба муаллимон гумпомош додаанд – ку.

- Гумпомоши чӣ? Кӣ гуфт ин гапро?

- Ҳамин ҳолӣ Ҳайдарӣ гуфт, дар даст борхалта дошт.

- О, Хоҷабек, Хоҷабек, ҳамин қадар сол дарс додаю бо Саъдулло ҳамроҳ кор карда, наход ҳоло ҳам Ҳайдариро нашинохта бошӣ?, - устод Асрорӣ намедонистанд дигар чӣ гӯянд,

бо лабханд қуттии сигорро сӯйи муаллим Зулфиқоров дароз карданд”.

- Ба инаш ташаккур, лекин устод, ба зиёфатҳои муфт моро ҳам хабар кунед-да, бо ҷӯраатон танҳохурӣ меравед, хуб нест, - ба ман ишора карда, шӯхиро давом медод Ҳайдарӣ.

- Чӣ хел танҳохурӣ рафта будаем, о, он рӯз шогирде ба тӯй хабар карда, барои устодон гуфта як “РАФик” ҳам фиристода буд. Дар поён қариб ним соат интизор шудем, нафуромадед-ку, чанд ҷойи холӣ монд дар мошин, дер нашавад, гуфта рафтем, соҳибони маърака хурсанд шуданд, - бо ҳаяҷон ба шарҳу эзоҳ пардохтанд муаллим Зулфиқоров, ҳарчанд ҳозирон ҳама медонистанд, ки Ҳайдарӣ он рӯз дар факултет набуду аз маърака низ хабаре надошт.

Баъди чандин солҳо он лаҳзаи болоӣ ба ёд расиду идомаи нақли устод Усмонов аз солҳои донишҷӯйӣ тасдиқ гардид. Ба қавли ноқил, боре ҳам нашудааст, ки муаллим Зулфиқоров аз дарс соате дер монда бошанд. Дар масъалаи дарс ва баҳо ба дӯстдоштатарин шогирдашон ҳам гузашт намекардаанд. Аммо берун аз дарс, берун аз Донишгоҳ, бо баъзе шогирдон дӯстии

оддӣ ва самимии инсонӣ доштаанд, ҳамроҳ чойхона, театр мерафтаанд. Дар маҳфилу нишастҳои унси донишҷӯёни аввалини шуъбаи журналистика, ки ҳар сол камаш 3-4 бор ба дараи Варзоб “маёвка” мерафтаанд, ҳамаи идҳоро дар хонаи яке аз ҳамкурсони шаҳриашон ҷашн мегирифтаанд, муаллим ҳамроҳ будаанд.

Соли 2017 Лола, духтари ягонаи муаллим Зулфиқоров, дар суроғи пайвандони падар озими Ворух шуд ва бо амакаш Зайниддин Зулфиқорови оҳангсоз, дар ҳавлии бобой бо аммааш вохӯрд. Лола баъдтар китобати таассуроти сафарашро бо сатрҳои зайл оғоз кард: “Номи ман Лола аст. Ин номи қадимаи форсӣ баргирифта аз номи гули ҳамном. Номамро падарам, ки тоҷик буд, журналист ва шоир Хоҷабек Зулфиқоров, гузоштааст. Падарам чун мунтазам шеър менавишт, тахаллуси “Шоир” ба худ дошт. Вале воқеан, ҳатто ягон шеърашро ба чоп нарасонида буд”. Ин сатрҳои Лоларо, ки насаби духтарии модарашро гирифта, ҳамакнун Лола Александровна Кондакова асту бо шавҳари фаронсавиаш дар Париж зиндагӣ ба сар

мебарад ва муаллифи ҳафт роман аст, мутолиакунон, нақли устод Усмонов ба ёд расид: “Муаллим Зулфиқоров рустӣ-рустӣ шеър менавиштанд.
Танҳо як шеърашонро - дар бораи духтарашон Лола, дар маҳфили шеър, ки дар бинои маркази УДТ баргузор шуда буд, баланд хонданд”.

Соли таҳсили 1999 пас аз ташвишу баргузории чорабиниҳои Рӯзи истиқлол, дар кафедра аз нияти таҷлили 60–солагии муаллим Зулфиқоров то поёни сол сухан рафт. Аксари устодони ҳозир ба ифтихори ҷашни шастсолагӣ омода намудани конфронси илмию амалӣ бо даъвати меҳмонон аз донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва минтақа, то он вақт тартиб додани маҷмуаи меҳрномаи дӯстонро ҷонибдорӣ намуданд. Баъди шифоҳӣ баррасӣ гардидани мусаввадаи қисмати тантанавии барномаи конфронс, муаллимро аз нияти аҳли кафедра огоҳ намудем.

- Рӯзи таваллудам тобистон буд, ҳама дар таътил буданду чор тараф парешон, касеро ҳам даъват накардем, - бо оҳанги ҳазин лаб кушоданд муаллим Зулфиқоров, - аслан, ҷашн

гирифтан ҳам шарт нест-ку. Не, агар қайд мекунем гӯйетон, ҳамин шанбе чорабиниро гузаронем, вагарна, лозим нест.

“Ҳамин шанбе” пас аз як рӯзи дигар мебуд, дар ин якуним рӯзи монда ба таҷлил чӣ омодагӣ мегирӣ? Ҳамакаса фаҳмонидан мехостем, ки ҳатто барои баргузории маъракаи хоксоронае ҳам ақаллан ду – се ҳафта фурсат лозим аст, вале гапи муаллим Зулфиқоров ҳамон буду ҳамон: “гузаронед, ҳамин рӯзи шанбе, набошад, лозим нест”.

Чӣ илоҷ, рӯзи шанбе дар маҷлисгоҳи факултет ҷамъомаде бо ҳузури ректори донишгоҳ Ҳабиб Сафаров, омӯзгорону шогирдони факултет баргузор шуд. Баъди таҳнияту табрикоти соҳибҷашн ҳама рафтанд хона ба хона. Ва бегоҳии рӯзи дигар хабари ҳавлноки “муаллим Зулфиқоров даргузаштанд”, паҳн гардид...



**Абдусаттор Нуралиев (22.08, 1941 – 20.03, 2020)**

## ПАЙВАНДИ ДОНИШГОҲ

Абдусаттор Нуралиев 22 августи соли 1941 дар деҳаи Қӯшработи ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанди Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Вале аҷдодаш аслан аз деҳаи хушманзар ва куҳанбунёди тоҷикнишини Моҷарми ноҳияи Фориш буда, бинобар тангии рӯзгор дар кӯҳистон, ба манотиқи навободи ҳамсоя кӯч бастаанд. Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ оилаи онҳо дар дашти Қизилқум, ҳаммарзи қаторкӯҳҳои Нурато маскан мегузинанд. Давраи туфулияту наврасии муаллим дар ин ноҳияи Қазоқистон сипарӣ гардида, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Қазоқистон, дар Тоҷикистон кору зиндагӣ кардаанд.

Муаллим Нуралиев сабаби ба Душанбе ҳамчун муаллими шуъбаи журналистика фиристода шуданашонро нақл карда, онро натиҷаи шиносоии декани факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон, профессор Тауман Амандосов ва ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, академик Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов арзёбӣ менамуданд. Аз нақли муаллим Нуралиев, ин ду устод дар конференсияи илмии бахшида ба 50-солагии Инқилоби Октябр, соли 1967 дар Маскав шинос шуда, дар масъалаҳои гуногуни таҳсилоти журналистӣ, имкони ҳамкориҳои оянда суҳбат мекунанд. Дар омади гап Амандосов нақл мекунад, ки дар факултети журналистикаи онҳо тоҷикписаре бо баҳои "аъло" таҳсил дорад ва соли оянда Донишгоҳро хатм менамояд. Солеҳ Ашӯрхоҷаевич вақти хайрухуш хоҳиш менамояд, ки ҳамон тоҷикписарро баъди хатми факултет ба шуъбаи навтаъсиси журналистика фиристад. Амандосов ваъда медиҳад.

Идомаи қиссаро дар як навиштаи худи муаллим Нуралиев мехонем: "Баъд аз Маскав баргаштанаш, Амандосов рӯзе маро даъват кард. Бо табассуми малеҳи худаш гуфт: "Ман

туро ба тоҷикони худат фурӯхтам”. Дид, ки ман аз ин гап чизеро нафаҳмидам, суханашро давом дод:

- Пас аз хатм ба Душанбе ҳамчун муаллими шуъбаи навтаъсиси журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон меравӣ. Ман дар ин бора ба ректори донишгоҳ ваъда додам. Медонам, ки дар Алма-ато низ хуб кор карда метавонӣ, аммо насиҳати маро гӯш кун. Ҳар кас дар байни ҳаммиллатони худ месабзад, пешрав мегардад. Мо, қазоқон, мардумони хеле дилкушод, меҳмоннавозу хайрхоҳ ҳастем, вале бегонапараст нестем. Инро худат хеле хуб мефаҳмӣ, эҳсос мекунӣ. Бинобар ин, дар ватани таърихии худ буданат бароят аз ҳама ҷиҳат манфиатовар аст”.

Нуралиеви ҷавон моҳи апрели соли 1968 ҳамчун донишҷӯйи факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон ба Конференсияи анъанавии донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон ба Душанбе омад. Яке аз сабабҳои омадан шиносоӣ бо ҷойи кори ояндаи худ буд.

Аз нақли муаллим Нуралиев: “Қабл аз конференсия дар суҳбат бо дӯстони деринаам,

донишҷӯёни курси 5–и факултети филология Сайидалӣ Маъмур ва Фотеҳ Абдулло шунида будам, ки декани тозаинтихоби факултет устод Асрорӣ мебошанд. Ҳангоми танаффуси конференсия ба назди декани факултет даромадам. Устод Асрорӣ маро хеле хуш пазируфтанд. Аз рӯйи супориши декани факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи Ал-Форобӣ) Тауман Амандосов ба шӯъбаи журналистика даъват шуданамро хотирнишон сохтам. Устод гуфтанд: “Даъват шудани Шуморо ба ҳайси муаллими шуъбаи журналистика ректори Донишгоҳ Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов ба ман гуфта буданд. Баробари хатми факултети журналистика омадан гиред, зеро то ба имрӯз дар курсҳои 1-2-и журналистика фанҳои “Таърихи журналистикаи хориҷӣ”, “Таърихи журналистикаи рус”, бо сабаби набудани муаллими ихтисосманд, таълим дода намешавад. Танҳо як муаллими штатӣ Хоҷабек Зулфиқоров ба таълими дарсҳои назария ва амалияи журналистика машғул аст. Қисми дарсҳоро кормандони таҷрибаноки газетаҳо

мегузаранд. Баъди омаданатон ҳамон фанҳои нохондаро соҳибӣ мекунед".

Ва муаллим Нуралиев ба Душанбе омада, 24–уми августи соли 1969 ба қабули ректори ДДТ ҳозир гардид ва 26–уми август чун муаллими кафедраи забони тоҷикӣ ба кор шурӯъ кард, зеро ҳанӯз кафедраи алоҳидаи журналистика вуҷуд надошт, аз ин ҷо, муаллим Хоҷабек Зулфиқоров ҳам дар штати кафедраи дигар – кафедраи адабиёти классикии тоҷик сабти ном буданд. Бо ташаббусу кӯшиши устод Асрорӣ моҳи октябри соли 1969 кафедраи "Фолклор ва адабиёти халқҳои СССР" таъсис ёфт ва соатҳои журналистика дар қатори фанҳои фолклор ва методикаи таълим ба ихтиёри ин кафедра дода шуд. Омода намудани нақшаи таълим ва созмон додани раванди таълим дар шуъбаи журналистика ба зиммаи муаллим Нуралиев вогузор гардид.

Кафедраи таъсисёфта бо номи дигар ҳам бошад, соатҳои дарси ихтисоси журналистикаро фаро гирифт, устодони дарсдиҳанда маълум шуданд: мудири кафедра Асрорӣ, профессоре, ки то ба фаъолияти омӯзгорӣ ва илмӣ пардохтан, қариб 5 сол (1946-

1950) муовин ва муҳаррири нашрияи “Пионери Тоҷикистон” кор кардааст, Зулфиқоров ва Нуралиев бо дипломи журналистии донишгоҳҳои муътабари Маскав ва Алма-ато омадаанд. Чунин ҳайати устодон кирои ҳавасу ҳасади дигар кафедраҳо буд, вале онҳое ҳам кам набуданд, ки маврид ёфта, аз беунвонии муаллимони ҷавони журналистон мегуфтанд. Бо такони чунин гапу калочаҳо, бо вуҷуди мушкилӣ, муаллим Нуралиев соли 1972 ба аспирантураи ғойибонаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон дохил шуда, онро соли 1975 бо дифои рисолаи номзадӣ дар мавзуи “Равобити халқҳои тоҷику қазоқ дар соҳаи афсонаву достонҳои қаҳрамонӣ” ба итмом расонид. Ӯ таҳқиқи мавзуи мазкурро вусъат дода, соли 1998 оид ба робитаҳои адабии тоҷику қазоқ рисолаи докторӣ дифоъ намуда, соли 2001 унвони профессорӣ гирифт. Таҳқиқоти илмии муаллим Нуралиев дар самти робитаи адабии миёни халқҳои тоҷику қазоқ ҷараён мегирифт, вале маводи фаровони аз саҳифаҳои матбуоти даврӣ гирдовардашуда ва ишораҳои саҳми матбуот дар инъикосу тарғиби робитаҳо

рисолаҳои номзадӣ ва доктириро бо риштаҳои ноаён ба журналистика мепайваст.

Муаллим Нуралиев баъдҳо, дар суҳбатҳо бо ҳайрат ба ёд меоварданд, ки чӣ хел профессор Асрорӣ бо ду муаллими беунвонаш бори як шуъбаро мекашиданд: "Аз як тараф, чашмикордонӣ ва, аз тарафи дигар обрӯмандии устод Асрорӣ буд, ки ба шуъбаи навтаъсис журналистони маъруфи давр, ба мисли Файзиддин Абдураҳимов - мудири шуъбаи рӯзномаи "Тоҷикистон советӣ", Михаил Гавриэлов - ҷонишини котиби масъули рӯзномаи "Тоҷикистон советӣ", Иброҳим Отахонов - сармуҳаррири шуъбаи ҷавонони ТВ "Тоҷикистон", Яков Налский - мухбири калони маҷаллаи "Тоҷикистон" омада, дарс мегуфтанд. Ману Зулфиқоров дипломи журналистӣ доштему унвони илмӣ не, онҳо дипломи журналистӣ надоштанду таҷрибаи кори амалӣ доштанд".

Абдусаттор Нуралиев дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз аввалинҳое буданд, ки таҳсилоти журналистиро ба роҳ монданд. Соли 1996 ба ректори Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Раҷабмад Амиров пешниҳод карданд, ки шуъбаи

журналистика кушоянд ва дар омодасозии санадҳои лозима ва барномаҳои таълимӣ кӯмак карданд. Соли 1997 дар ин донишкада низ шӯъбаи журналистика ба фаъолият оғоз намуд. Дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия соли 2002 бо даъвату дастгирии нахустин ректори ин даргоҳи илму маърифат Абдуҷаббор Сатторов бунёдгузори таҳсилоти журналистӣ гардиданд.

Ҳамин тавр, муаллим Нуралиев аз оғози соли таҳсили 1969 то соатҳои охири умр, Наврӯзи соли 2020, ҳаёти хешро бо ҷойи кору фаъолият – Донишгоҳи миллӣ ва солҳои охир Донишгоҳи славянии Тоҷикистон пайваста, саҳимӣ дар барқарорию рушди таҳсилоти журналистиро маънои зиндагии бошуурона дарёфта буданд.

*“Барои мо Абдусаттор Нуралиевич намунаи олии хоксорӣ, ҳақиқатпарастӣ, меҳнатдӯстӣ ва саводнокӣ буданд. Тамоми умр як роҳ доштанд – аз хона то ҷойи кор – Донишгоҳ. Ин чунон маъно дошт, ки барояшон ҳеҷ чиз муқаддастар аз хона ва фарзандон, аз Донишгоҳ ва донишҷӯён набуд. Хушӣ ва талхии зиндагиашон, муваффақиятҳо ва душвориҳои ҳаётașон ба ҳамин ду самти рӯзгорашон вобаста буд” (Иброҳим Усмонов, профессор).*

**Асадулло Саъдуллоев**
**(22.09. 1940 – 04.02. 2016)**



## ТАБЪИ ГУҲАРБОР ДОШТ Ӯ

Бо муаллим Саъдуллоев дар матбаа шинос шудаам. Дар рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” таҷрибаомӯз будаму дар навбатдории шумораи чоршанбегии “КТ” (газета рӯзҳои чоршанбею ҷумъа чоп мешуд) ба мудири шуъба Шамсиддини Насриддин дастёрӣ мекардам.

Пеш аз баёни матлаб, лозим меояд, барои хонандаи имрӯза вазъи чопи газета дар солҳои 70-ро каме шарҳ диҳем. Дар матбааи №1, бо номи Хонаи матбуот (ҳоло Матбааи аввалин), ки рӯ ба рӯйи идораи “КТ” дар кӯчаи Свириденко 66 (ҳоло кӯчаи Бухоро), мавқеъ дошту тамоми нашрияҳои онвақта дар ҳамон ҷо ба чоп омода мешуданд, ба истиснои якшанбе, дигар рӯзҳои ҳафта ба истилоҳ “кор

ҷӯш мезад”. Бо вуҷуди он ки то нимаҳои солҳои 1980-ум дар пойтахт зиёд не, ҳудуди 7-8 газета мавҷуд буд, сехи саҳифабандии газета шабу рӯз ором надошт. Ин ҳам дар ҳоле, ки чопи газета дар ҷойи дигар – Комбинати полиграфӣ (мавзеи километри 9-уми пойтахт) сурат мегирифт. Серкории сехи саҳифабандии матбааро сабаб он буд, ки раванди саҳифабандӣ дастӣ иҷро мешуд, яъне, ҳарфҳои маводи мошинкачопшудаи шумораро дар дастгоҳи махсуси қолабрезӣ ба ҳуруфи қӯрғошимӣ баргардонида, тибқи амсила (макет)-и пешниҳодкардаи редаксия ҷо ба ҷо мекарданд, пас аз мусаҳҳеҳии навбатдорони шумора ва ислоҳ гардидани матнҳо, акси саҳифаҳои омодашударо ба тунука мегузарониданд. Ҳамин тавр, дар ин ҷо нусхаи як шумораи нашрияҳо омода мегардид, ки онро дар Комбинати полиграфӣ ба чоп месупориданд.

- Ин кас устод Саъдуллоев, котиби масъули “Тоҷикистони советӣ”, яъне, “сардори штаби редаксия”, - сӯйи ҷавонмарди миёнақади мӯю муйлаби қиргуни ғафсабрӯ ишора кард акои Шамсиддин ва маро ҳамчун таҷрибаомӯз -

хабарнигори ғайриштатии рӯзнома муаррифӣ намуд.

- Ҳа, имрӯз практикант, фардо хабарнигори штатии “Комсомол”, - ба салом алейк гирифта, қуттичаи пур аз ҳуруфи қӯрғошимиро рӯйи мизи оҳанин гузошта, остинчаи сиёҳи то оринҷ кашидаро бадар карда, даст дароз кард “сардори штаби редаксия”, - як-ду материалашро хондаам, бад не, аз имконияту озодии “Комсомол” бештар истифода бурданаш даркор.

Он солҳо дар матбаа, дар чорроҳаи Хонаи матбуот, дар соягузарҳои чинористони пойтахт бо муаллим Саъдуллоев борҳо вохӯрдаву суҳбатҳои кӯтоҳе доштаем, чанд соли охир дар факултет ҳамкору ҳамнишин низ будаем, вале дар ҳар дидору ёдкард муаллим Саъдуллоев бо ҳамон сурат – ҷавонмарде миёнақад, бо мӯю муйлаби қиргуни ғафсабрӯ бо дастони рафидапӯш, пеши назар мондаанд.

Бо муаллим Саъдуллоев суҳбат кардану баҳс оростан осону гуворо буд, чун фосилагирӣ, нописандӣ, бологирӣ, ҳавобаландиро, ки мутаассифона, баъзе мансабдорону унвондорҳо барои худ хос

меҳисобанд, хуш надоштанд, балки бад медиданд. Баҳсҳои мо аксар дар мавзуи таъиноту мақоми публитсистика ва адабиёт, дар бораи таҳаввули жанрҳои журналистӣ, моҳият ва ҷойгоҳи таҳсилоти журналистӣ сурат мегирифт, баъзан шиддат меёфт, аксар ба ҳам гузашт намекардем, вале бо хушию оромӣ меанҷомид.

- Мулло, як дуд дода биёем, баъд боз идома медиҳем, - мегуфтанд муаллим ду ангуштро боло карда ва мебаромадем ба овезаайвони бинои факултет.

Вақте баъзе ҳамкорон ишора ба сигоркашии мо мегуфтанд “ба саломатӣ ҷабр кардан хуб нест”, муаллим бо табассум ҷавоб медоданд “чӣ кунем, ки аз афташ, саломатӣ аз ҳамин вобаста шудааст”, ман меафзудам “мероси аз касби журналистӣ мондаро пос медорем”, ҳар ду ҳам эҳсос мекардем, ки худтаскинӣ дорем. Вале иқрорамон низ миёни ҳам буд. Дастхати китоби туҳфакардаи муаллим “Горизонты публицистики” (Душанбе - 2009) шояд беҳтарин ёдовард аз он ҳангом бошад: “Ба собиқадори беҳамто – ҷӯраи ман –

Қироншоҳи донишманд ва бопринсип. Аз як вақтҳо шарик дар дуд – Асадулло. Имзо”.

Баъди мутолиа он китобро тавсиф кардам, гуфтам, ки бахусус барои гурӯҳҳои русихонамон ба ҷойи дастури дарсист. Вале китоби “ Бомдоди шубоб”– атон ки дарвоқеъ, дастхат надорад, аз дӯкон харидаам, бештар маъқулам аст.

- Э, боракалло, аз Қироншоҳ ҳам таъриф мешунидем–да, албатта, ки чизи харида бақадртар аст, хайр, инаш шӯхӣ, вале дар “Бомдод” чияш маъқул шуд? – инаш ҷиддӣ, - интизори ҷавоб истоданд муаллим.

- Ҳарчанд китобро “аз ҳошияи хотираҳо” шарҳ додаед, лек ҳар қиссаву лавҳа мисли ҳикоя, ба қавли худатон эссе, хонда мешавад, - ва лавҳаи зеринро аз китоб мазмунан ёдовар шудам.

## Сарбории нодонӣ

Дарси иқтисоди сиёсӣ буду семинар доштем. Доноҳои синф Назираю Нозир даҳ-бист дақиқагӣ гап зада, ҷони ҳамаро хариданд. Аммо вақт ҳанӯз монда буд. Ногоҳ Мазҳабшоҳ аз ҷой хест.

- Ҳа? – беихтиёр пурсид муаллим Зайниддинов.

- Ман мавзуъро мустаҳкам мекунам, - гуфт ӯ ва ба пеш баромад.

- Чунон ки Нозир гуфт ва Назира илова кард, ҳамааш дуруст. Дупа-дуруст, - гуфт ӯ ва гӯё рақс мекарда бошад, як тоб хӯрду дастонашро дар болотари зонуяш қулф зад.

- Хайр, баъд? – пурсид муаллим.

- Ҳамин, гуфтам-ку, Мазҳаб боз тоб хӯрд. Ҳама хандиданд. Ӯ рафт ба ҷояш. Мардон Раҷаб аз ҷояш боло шуд. Муаллим ба маънии "чӣ мехоҳӣ?" ба ӯ нигарист. Мамараҷаб гуфт:

- Камина нодонии ҳами сағираро бақувват кунам мегӯм, акаи муаллим.

Дигар синфро идора карда намешуд. (Аз "Бомдоди шубоб", саҳ.102 -103).

Муаллим ба завқ хандиданд ва гуфтанд:

- Шояд сабаби ҷолибияташ бароят ошноии он ҳамкурсонам бошад, лек ростӣ, "Бомдоди шубоб" ба худам ҳам маъқул шудан дорад, ё нишонаи пиршавӣ бошад...

Дар мавриди ошноии шарикдарсони донишгоҳиашон ба ман, рост мегуфтанд муаллим, вале дигар аз хоксорӣ буд.

Дарвоқеъ, муаллим Саъдуллоев то охири умр бо шарикдарсони донишгоҳӣ дар робитаи доимӣ ва ҳамкории эҷодӣ буданд. Танҳо зикри ному насаби баъзе ҳамкурсони эшон кофист, ки ба диду боздиду ҳамдастии мунтазами шарикдарсон – хатми даҳуми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон бовар кунию ҳавас барӣ: Бозор Собир, Раҳим Мусулмониён, Назира Қаҳҳорова, Нозирҷон Арабзода, Нур Табаров, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Бурҳон Ғанӣ, Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоев, Мирзоҳаёт Давлатов, Раҷаб Мардон, Одина Мирак, Эргаш Шоҳзода, Расул Шарифов, Ғуломҳайдар Муродалиев, Шодмон Сафоев... Ин шахсиятҳои накуномро, ки дар рушди адабиёту фарҳанги миллӣ саҳми босазо гузоштаанд, кӣ намешиносад? Агар нашинохтед, пас “Бомдоди шубоб”–и муаллим Саъдуллоевро варақ занед, бо рӯзгори даврони донишҷӯйии онҳо ва дигар шарикдарсон дар тасвири килки сабзтасвири муаллиф ошно хоҳед гашт. Ва боз. Ба китоби саргузашти шарикдарсон “Гулбуне зи боғи маърифат” дар мураттибии Расул Шарифов (Душанбе, 2014) сар занед, бо 62 нафар шарикдарсони солҳои 1957 – 1962–и шуъбаи

филологияи тоҷики факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шиносоӣ пайдо хоҳед кард, ки ба қавли муаллим Саъдуллоев, муаллифи 13 чеҳранамоӣ дар ин китоб, аз миёни онҳо “бисту як нафар адибони соҳибном, ёздаҳ нафар олимони муҳаққиқ, роҳбарони идораву муассиса, устодони варзида ба камол расидаанд”.

**Баҳриддин Камолиддинов**
**(08.10. 1935 – 13.05.2020)**



# СУХАНДОНОН СУХАН АЗ БАҲРИ ДИГАРОН ГӮЯНД

**“Борон дар болои бом зардолуафшонӣ мекард”**

Устод Камолиддинов ба мо, донишҷӯёни солҳои 1975 – 1980-и факултети филолологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) кам дарс гуфтаанд, ҳамагӣ як семестр, вале чӣ дарсе! Аз вориди синфшавӣ бо қадамҳои шумурда, оҳиста болои минбар гузоштани ҷузвдони пури китобу дафтар, синфхонаро бо мавҷи чашм як назар кардаву бо назокат салом гуфта, ба дарс оғозидан то ба маҳин–маҳин қадамзанон сухан гуфта, ҷумлае дар тахта сабт намудаву ҷузъу қисматҳои онро майда-майда фаҳмонидан, гоҳо бо ифодаи “Ҳамту не-мӣ, духтари нағз?” ё “Шумо чӣ мегӯед, писар?” ба донишҷӯе муроҷиат намудан. Орому батамкин, чида-чида сухан

гуфтан ё бо ибораи онвақта “лексия хондан”-и устод Камолиддинов дар баробари лексияхонии баъзе устодоне, ки мисли радио гуфта мерафтанду аз навишта нарасонидан, кас нафастанг мешуд, бахусус, бо лаҳни хос калимаҳоро кашида талаффуз кардани эшон, аз як тараф, хандаи дарунакиро меовард, аз тарафи дигар, таваҷҷуҳро бештар ҷалб менамуд. Аз дарсҳои забони давраи донишҷӯйӣ бегумон, дарсҳои устод Камолиддинов ва муаллим Саид Ҳалимов бароямон хуш меомаду ҷолиб буд. Дере нагузашта, дарк кардаву ба худ гуфтем, ки ҷолибияти дарси онҳо дар интихоби мисолу намунаҳои сара аз осори баланди катбӣ будааст. Маъхази маонии сухани ин устодони гиромӣ насри зебои Ҳаким Карим ва шоҳбайтҳои “Шоҳнома”–и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, торафт ба мо фаҳмотару азизтар мегардид. Ҳар гоҳ ки устод Камолиддинов аз мо мисоле мехостанд, ҳамоно ҷумлаи “Борон дар болои бом зардолуафшонӣ мекард”-ро мегуфтем ё менавиштем. Устод шояд пай мебурданд, ки дар ин густохии мо шӯхии танзомез ниҳон аст, вале табассум мекарданду эрод намегирифтанд, мо баръакс, шерак шуда,

хоҳиш менамудем, ки устод он ҷумларо такрор талаффуз кунанд.

Пас аз даҳсолаҳо, вақте бо устод Камолиддинов шарафи ҳамкорӣ дар як факултет насиб гардид, боре ҳангоми чақ-чаққҳои танаффуси миёни дарсҳо, дар ҳалқаи гурӯҳи ҳамкорон, гап аз даврони донишҷӯйӣ, муносибати устоду шогирдон рафт, аз дарси устод ёдовар шуда, мисоли дӯстдоштаамонро ба садо ва лаҳни устод такрор намудам: “Бо-роо-н дар болои бо-о-м зардо-о-лу-афшон-ӣ-ӣ-ӣ мекард”. Мавҷи ханда баланд шуд, устод низ қатори дигарон базавқ хандиданд ва чашмони аз ханда оббаровардаашонро поккунон гуфтанд:

- Ҳа, ба шумо – журналистон, як гап зану даҳ гап гир.

## Устод чӣ гуна...

Дар бораи талоши ҳадафманди устод Камолиддинов дар роҳи дилсӯзӣ, арҷгузорӣ ба мероси ниёгон, омӯзишу беҳдошти он, бахусус тозаю покиза нигоҳ доштану истифодаи забони модарӣ, бисёр гуфтаанду навиштаанд, ки дар онҳо таърифи беҷо ё иғроқе нест. Аз даҳҳо

мақолоту китобҳои таълифнамудаи устод Камолиддинов ба кадоме назар кунӣ, ҳамин бархӯрд, муносибат, дархосту таманноро эҳсос мекунӣ.

Ба кафедраи Услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистика ба кор омадани устод Камолиддинов барои факултети навтаъсис инъоми Худо буд, зеро кафедра мебоист дар тафовут аз кафедраҳои ҳаммонанд, самти таҳқиқу тадрисро бо назардошти махсусиятҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма муайян намуда, бо дарёфти мутахассисони соҳа барномаҳои таълимро таҳия мекард, яъне кафедрае бояд мешуд, ки ҷавобгӯ ба тақозои таҳсилоти журналистӣ бошад. Ин ҳарчанд кори осон набуд, вале таҷрибаи ғании педагогӣ, роҳбарӣ ва огоҳии устод Камолиддинов аз фаъолияти ВАО–и кишвару минтақа имкон дод, то кафедра чунин самтро соҳиб гардад. Асарҳои илмию оммавии таълифнамудаи устод Камолиддинов “Сухан аз баҳри дигарон гӯянд” (2001), “Сухандонон сухан санҷида гӯянд” (2005), “Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот” (2007), “Сухан гуфтию дурр суфтӣ, ё рӯ ба рӯ бо микрофон”

(2007), барои нерӯ гирифтани имконоти илмию таълимии устодони мавҷуда ва навшогирдони кафедра заминаи қавӣ фароҳам оварданд. Устодони кафедра дар пайравӣ ва бо тақозои мудири кафедра натанҳо газетахон шуданд, соатҳои муайян ба шунидану дидани барномаҳои радио ва телевизион майл пайдо намуданд, балки пажӯҳиши доимӣ ва мавзуъҳои рисолаҳои илмиашон низ ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами ВАО ихтисос гирифт. Рисолаҳои ҳимоягардидаи устодони кафедра Мушаррафа Ҷӯраева "Таҳлили коммуникативӣ – прагматикии қолабҳои устувори муошират дар ВАО-и Тоҷикистон", Мазҳариддин Ғозиев "Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар матбуоти тоҷик". Ҳукмиддин Сафаров "Хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии сарлавҳаи матбуот", Баҳодур Шодиев "Хусусиятҳои лексикию фразеологии очерку қиссаҳои Мутеулло Наҷмиддинов"–ро чун натиҷаи майлони журналистӣ пайдо кардани фаъолияти кафедра метавон ҳисобид.

Ҳоло бо навиштани ин сатрҳо, баҳсу мунозираҳои декани вақти факултет Пайванд Гулмуродзода (равонаш шод бод!) ва устод

Камолиддинов дар бораи махсусиятҳои кафедраи Услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ, ки дар ҷаласаҳои илмӣ ва ҳам дар гуфтумони муқаррарӣ сурат мегирифт, ёдам меояд. Гулмуродзода вақте медид, ки кор табъи дил пеш намеравад, асабӣ мешуд ва гоҳо тезу тунд сухан мегуфт, ҳарчанд пас аз чанде, гоҳо бо гузашти рӯзҳо, бо лутфу меҳрубонӣ ранҷиш ё шубҳаро аз дили мубоҳисаш мебаровард. Бо устод Камолиддинов низ ҳар дафъа чунин манзара пеш меомад. Боре декани факултет аз вазъи тадриси устодони кафедра изҳори ноқаноатмандӣ намуда, гуфт, ки "устод, магарам ба муаллимони кафедраатон ҳар ҳафта газета харида оварда диҳед ва ҳар рӯз ду–се соат ҳамроҳашон радио гӯш кунеду телевизор тамошо кунед".

- Домулло Пайванд, чанд бор бо ишора гуфтед, фаҳмидем, акнун кори шудаю ношударо ба рӯям мекашед - ранҷидахотир гуфтанд устод Камолиддинов.

- Устод, мебахшед, охир, муаллимонатон дар дарсҳо ҳамоно аз адабиёти солҳои шуравӣ мисол меоваранд, ё матбуоти имрӯзаро писанд намекунанд..., наход аз худатон ибрат

нагиранд..., - аз ранҷиши устод хиҷолат шудагӣ барин, бо овози пасттар гуфт декан.

Рӯзи дигар чашмам афтод, ки дар кабинети устод Камолиддинов ҳар ду рӯ ба рӯ, пиёлаи чой дар даст, бо чеҳраҳои хандон суҳбат доранд.

**“Хатогӣ хатост”**

Дастпарвари факултет Музаффар Айдаров дар ёдномае қайд намудааст: “Дар ҳар маҳфил ё нишасте, ки донишҷӯён калимаи “хатогӣ”–ро мегуфтанд, устод эрод мегирифтанд. Мегуфтанд, ки навиштани калимаи “хато” бо пасванди “-гӣ” хатост. Аз ин рӯ, “хатогӣ” хатост. Бовар дорам, ки тамоми донишҷӯёну устодони факултет аввалин шуда, ин сухани устодро ба ёд меоранд”.

Бале, устод Камолиддинов натанҳо дар дарсу маҳфилҳои ихтисосӣ, балки дар ҳар маврид, вақте сухан аз ғалатҳои навиштору гуфтор равад, ба баҳс мепардохтанд, бо истифодаи мисолу намунаҳо аз матбуоти даврӣ, радиову телевизион нуқси калимаю ибора, баъзан ҷумлаҳои томро зикр мекарданд ва шакли дурусти онро ёдрас мешуданд. Аслан, дар ҷомеаи мо бонги изтироб задан аз

ғалатнависию ғалатгуфторӣ ва нишон додани тарзи дурусту саҳеҳи он навишттору гуфторҳо гапи нав нест ва ба мисли донишмандони маъруф Садриддин Айнӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Мукаррама Қосимова, Ӯктами Холиқназар, Рустами Ваҳҳоб, Абдулқодири Рустам дар ин мавзуъ китобу рисолаҳои алоҳида ҳам таълиф кардаанд. Вале фаъолияти устод Камолиддинов дар ин ҷабҳа аз устодони номашон зикршуда ва дигар дилсӯзони забони модарӣ дар он аст, ки эшон бар замми мутуни катбӣ, аз воситаҳои садову симо низ бомаҳорат истифода кардаанд. Бо шуруъ шудани фаъолияти шабакаи радиои “Садои Душанбе” ва ҳамкории дастпарвари факултет Дилбар Исматова, устод барномае бо номи “Ҳусни баён”-ро роҳандозӣ намуданд, ки ба истиқболи гарми шунавандагон сазовор гардид. Пас аз чанде дар Шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон барномаи “Калиди ганҷи сухан” ба мавҷ баромад, ки муаллиф ва ровии он устод Камолиддинов буданд. Аҷиб аст, ки бо вуҷуди мавҷи бештар фарогири Шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон (ҳоло Шабакаи “Тоҷикистон”), барномаи солҳои охир дар

Шабакаи телевизиони кӯдакону наврасон - “Баҳористон” роҳандозӣ кардаи устод Камолиддинов бо унвони “Ҳусни баён” маъруфияти бештар пайдо кард. Барои тасдиқи ин даъво аз нигоштаи Меҳроб Ҷумъаев, аз шогирдони бовариноки устод, порае меоварем: “Ин барнома дар байни мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз он аз маҳбубияти хос бархурдор буд... Махсусан муаллимони забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳ ва муаассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Самарқанд ин барномаро аз Шабакаи ТВ “Баҳористон” бо шавқу завқи зиёд тамошо мекардаанд. Чанде аз омӯзгорони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз устод хоҳиш менамоянд, ки агар имкон бошад, сабти барномаҳои “Ҳусни баён”–ро ба эшон дастрас намоянд, то ин барномаҳоро дар дарсҳояшон истифода баранд. Устод баъди ба Душанбе баргаштан ин хоҳиши муаллимони самарқандиро ба ҷо оварданд ва қисми зиёди барномаҳои “Ҳусни баён”–ро дар диск сабт намуда, ба Самарқанд фиристоданд”.

## “Нози занро бардоштан ҳам ҳунар аст”

Иттифоқ афтод, ки тобистони соли 2013 ҳамкорон устод Камолиддинов, Сангин Гулов ва камина ҳамроҳи ҳамсарон дар Осоишгоҳи “Ӯротеппа” истироҳат доштем. Субҳи барвақт, баъзан бегоҳирӯз, аз боғи канори Осоишгоҳ тақрибан як километрро қадамзанон ва бо роҳи 390-зина то Обанбори “Сойи калон” (“Каттасой”), ки муҷассамаи бузурги Ленин барҷост, баромадану фуромадан, барои бошандагони Осоишгоҳ гӯё як ҷузъи табобату истироҳат аст. Мо ҳам аз қатори дигарон намонда, рӯзе як бор “гардиши табобатӣ” мерафтем. Боре дар соҳили обанбор ба нақлҳои ширини устод Камолиддинов гӯшу ҳуш шуда, шояд гузашти вақтро нафаҳмидаем, ки ҳамсари чанде пеш ба никоҳ даровардаи устод бо маънои “вақти баргашт шуд”, чанд бор сӯйи устод ишора кард. Устоди рамузфаҳм сир бой надода, “ба ин ҷо ки расидем, давоми қиссаро пагоҳ мешунавем”, - гуфтанду ба роҳ даромаданд. Қисса шуниданӣ буд, гап аз таърихи Обанбори “Сойи калон”, ки охирҳои солҳои 50-ум – аввали солҳои 60-уми асри гузашта бо мақсади обёрии даштҳои сӯзони

минтақаи Лакату Ругунди Истаравшан бунёд гардида буд ва ба шарофати он обод шудани деҳоти атрофи обанбор мерафт.

Рӯзи дигар, пагоҳаш, ҳангоми гаштугузори якҷоя ва шунидани идомаи қиссаи обанбор, дар омади гап, шӯхиомез ба устод гуфтам:

- Устод, аз афташ янгамулло аллакай зарбашонро шинонидаанд-а, ки дирӯз бо як ишораашон моро тарк кардед.

Устод ба завқ хандида бо лаҳни ширини хоси худашон гуфтанд:

- О, домулло Шарифзода, охир нози занро бардоштан ҳам ҳунар аст.

Дарвоқеъ, устод Камолиддинов ҳамасола, дар таътили тобистона, барои истироҳат ба ин осоишгоҳ мерафтанд ва ҳатман ҳамроҳи янга. Пас аз он воқеи “нози янга” ду тобистони дигар устодро дар “Осоишгоҳи Ӯротеппа” вохӯрда, аз суҳбатҳои ширинашон баҳрабардор шудам. Напурсидаам, ки чаро тобистонҳо маҳз ба ин осоишгоҳ дамгирӣ меоянд, вале дафъаи сеюми вохӯрӣ дар осоишгоҳ, боре худи устод бо изҳори қаноатмандӣ аз истироҳат, гуфтанд:

- Ба фикрам, Шумо ҳам чунин меандешед, ки дар гармои тобистон обу ҳавои салқину форами ин ҷо худ табобат аст.

Пас аз танаффуси дусолаи иҷбории даргирии вабои Ковид, якуним ҳафтаи тобистони соли гузашта ва ҷориро ҳамроҳи профессор Мурод Муродӣ дар “Осоишгоҳи Ӯротеппа” гузаронидем. Имсол низ чун порсола, дар осоишгоҳ чанд тан аз ҳамкорони донишгоҳӣ ва ҳамкасбони шиносро дидем, борҳо гаштугузори обанбор рафтему аз зинапояи он баромадаву фуромадем, вале афсус, устод Камолиддиновро бо қадамзаниҳои бардам, табассуми малеҳ, шишту хези зебо, қиссаҳои ширин, вонахӯрдем...

**Пайванд Гулмуродзода**
**(20. 07. 1956 – 08. 04. 2013)**



# ДИЛРО БА ДИЛ РАҲЕСТ...

## Дар талоши илму маърифат

Барои хатмкунандагони солҳои ҳафтодум интихоби касби оянда ва мактаби олӣ ба мисли имрӯза кори мушкил ва «дарди сар» набуд, ҳангоми хатми мактаб ҳар нафар барои худ равшан медонист, ки аз пайи кадом касбу пеша, куҷо хонданӣ меравад ва ё хизмати аскарӣ. Аз ҳамсинфон чанд нафар озими донишгоҳу донишкадаҳои Самарқанд шуда, Пайвандро низ ташвиқ ба ҳамроҳӣ доштанд, лекин ӯ аз раъяш гаштанӣ набуд, мегуфт журналист шуданӣ асту Душанбе меравад. Падар аз азми писар кайҳо огоҳ буд, дар дил таҳсинаш мехонд, ки писар дар қавлаш устувор аст. Чун хаткашон, аз номафиристониҳои писар унвони нашрияҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло

«Овози тоҷик»), «Пионери Тоҷикистон»-у «Машъал», огоҳ буду хабару мақолаҳои чоп шудаи ӯро пештар аз дигарон мехонд. Ба ҳар ҳол, рӯзе пас аз хӯроки шом, дар ҳалқаи фарзандон, барои озмуд буд магар, сӯи Пайванд гуфт:

– Беҳтар намешавад, ки ҳамроҳи ҳамсинфон ба Самарқанд хонданӣ равӣ, мактабҳои олии он ҷо ҳам факултети забон ва адабиёти тоҷик доранд, роҳаш ҳам наздиктар аст. Самарқанд маркази фарҳангӣ аст, навис-нависро дар он ҷо ҳам ёд мегирӣ, баъди Донишгоҳ метавонӣ Тошканд, ба «Ҳақиқати Ӯзбекистон», назди Ҷонибек ба кор равӣ, Ҷонибек дар ҳар дидор такрор мекунад, ки «аз Улашбой умеди зиёд дорем, қаламкаши хуб мешавад».

– Дуруст мегӯед, додо, лекин ҳоло Душанбе пойтахт аст, дар пойтахт таҳсили касбу илм кардан беҳтар нест магар? – ба саволи падар саволомез гуфт Пайванд. – Дигар, ваъдаи ба ҷӯраҳои душанбегӣ додаатонро фаромӯш кардед магар?

Амаки Гулмурод лабханде карду сар ҷунбонд:

– Ҳа, ҳа, албатта.

Модар ва додару хоҳарон ба маънои ин муколама дуруст сарфаҳм нарафтанд, вале падарро ваъдаи 13-14 сол пештар ба «ҷӯраҳои душанбегӣ» додааш ба ёд омад.

Охирҳои солҳои 50-ум муҳаққиқони фолклоршинос Баҳром Шермуҳаммад, Рӯзӣ Аҳмад, Фарруха Зеҳниева, Маҳвашхон Ҳодизода аз Душанбе ба деҳоти тоҷикнишини Форишу Нурато омада, тӯли чанд моҳ аз мӯйсафедон намунаҳои эҷодиёти даҳонии мардумро ҷамъоварӣ карданд. Азбаски Ӯхм дар миёнароҳи рустоҳои тоҷикнишин мавқеъ гирифтааст, амаки Гулмурод ба хотири осонии рафту омад ва бароҳатии буду бош, меҳмонхона ва як хонаи ҳавлии дарунро ба ихтиёри ҳайати фолклоршиносон вогузошт ва додару ҷиянҳояшро, ки дар ҳамсоягӣ мезистанд, муваззаф сохт, то ба навбат аз ҳолу аҳволи меҳмонон хабар гиранд, зарур ояд, улов бароям пайдо кунанду онҳоро ҳамроҳӣ намоянд.

Амаки Гулмурод фурсат ёфта, аксаран шомгоҳон, аз таассуроти меҳмонон мепурсид, ба пурсишҳои пайдошудаи муҳаққиқон посух медод, худ донандаи хуби таъриху фарҳанги диёр ки буд, қиссаву ривоят, байту ҳикматҳои ҷолиб

мегуфту нақл мекард. Пайванди хурдсол рӯйи зонуи падар, гӯш ба суҳбати байту суруд омехтаи калонсолон медод, мазмуни суҳбатро бо фаҳми кудаконаи худ қабул мекард, вале як пора гуфтумони меҳмонон дар ёдаш нақш баста буд.

– Ако, худатон ин қадар тоҷикпарасту номи писарро ғайритоҷикӣ мондед-дия, – ба номи Улашбой ишора намуда, хушгӯӣ кард Баҳроми Шермуҳаммад.

– Ҳа, аввалписар ки буд, бибию холаҳояш бо нияти боз писар таваллуд ёфтан, гузоштанд номи ӯро, вале баҳс накардам, Худо хоҳад, калон шавад, худаш ислоҳ мекунад-дия, – ором ҷавоб дод падар.

– Илоҳо ҳамин тавр шавад, лекин мактабро тамом кунад, писарро ба Душанбе хонданӣ мебаред, бо ҳамин баҳона аз намаки мо ҳам мечашед.

– Саломат бошед, мактабро нағз хонад, бачаи хуб шавад, албатта, мебарем, бо шумоён робитаро канданӣ нестем.

Амаки Гулмурод марди соҳиблафз буд, дар ҳақиқат, то дами вопасини умр бо «ҷӯраҳои душанбегиаш» алоқаро наканд, дар арафаи ҳар

иду айём тавассути мактубу телефон ҳолу аҳвол мепурсиду табрику таҳният арз медошт. Дарвоқеъ, Баҳроми Шермуҳаммад низ дар рафти сафару дидорбиниҳо ба Самарқанду атрофи он, сари роҳ ба дидори амаки Гулмурод мешитофт.

Амаки Гулмурод ниҳоят, тобистони соли 1973, Номаи камол ва дигар ҳуҷҷатҳои Улашбойро ҷувзбандӣ карда, ҳамроҳи писар ба Душанбе омад. Ҳафтае ба гуфти худаш «пойтахти Ватанро тамошо карда, армон шикаста», аз дидори «ҷӯраҳои душанбегиаш» баҳраманд гардид, ба писари довталаби донишҷӯяш дар кӯчаи Чехов иҷорахонае ёфтаву дуои кушоиши кор дода, ба деҳа баргашт.

## Дар азми худҷӯиву худшиносӣ

Пайванд чор имтиҳони дохилшавиро бо баҳои «4» супорида, ба сафи донишҷӯёни факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) пайваст. Ин гӯё як сатри хушк аз ҳолномаи ӯст, вале дар асл моломоли ташвишу ҳаяҷон, умедвориву дудилагиҳоест, ки даҳ соли пурорзуи мактабиро бо марҳалаи бачагию наврасӣ гӯё ҷамъбаст карда,

ба марҳалаҳои нави умри одамӣ – навҷавониву ҷавонӣ навбат медиҳад.

«Писари амаки Гулмурод ба Университети давлатии Тоҷикистон дохил шудааст». Ин гап он шабонарӯз гӯё сархати хабару навигариҳои деҳоти атрофи Ӯхм буд, ки дар ҷамъомаду маъракаҳои хурду калон садо медод.

Ману ҳамсинфам Тӯймурод Ибодов (равонаш шод бод!) низ дар қатори чанд тан аз муаллимони мактабамон, ба табрики Пайванд, ки як синф пеш аз мо мехонд ва «аввалин донишҷӯи Душанбе аз ҳамсоядеҳа» гардид, рафта будем.

Лек он эҳсоси воқеии фараҳмандиву ифтихори Пайвандро пас аз ду соли дигар, бо дохилшавӣ ба факултети филологияи тоҷики УДТ, дар ҷисму ҷони худ санҷидам. Ҳамакнун мо ду тан аз хатмкардагони мактабҳои тоҷикии ду деҳаи дурдасти кӯҳистони Фориш, ҳамфакултет шудему дар баробари часпу талоши илму маърифатазхудкунӣ, масъулияти дигареро низ ба унвони «роҳкушоёни макотиби олии Душанбе», ихтиёран ба дӯш гирифтем. Дар омади гап, бояд гуфт, ки то ба ҳамин 15-16 соли охир, аз хатмкардагони мактабҳои деҳаҳои зод-

гоҳамон ҳудуди 12-15 нафарӣ таълиму тарбияи муассисоти таҳсилоти олии шаҳри Душанберо гирифта, ҳоло дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳияву вилоят кору фаъолият мекунанд.

Дар соли аввали таҳсил мо як гурӯҳ донишҷӯён, Пайванд ва чанд тан аз ёрони ӯро ба сифати донишҷӯёни серҳаракати ташаббускор, собитқадаму толибилм шинохтаву ба онҳо пайравӣ мекардем. Гӯё инро пай бурда бошанд, яке аз рӯзҳои охири сентябр Пайванд ва ҳамдарсонаш Олимҷон Салимзода, Отамуроди Бекмурод, Бобоҷон Икромов ва Обидҷон Шукурзода, ки ангуштнамои факултет буданд, ману шарикдарсони ҳамнишинам Назар Одинаев, Латиф Ҳадяев, Абдуманнон Маллаев ва Умариддин Холовро дар чойхонаи Бозори «Шоҳмансур» меҳмондорӣ карда, ба қавлашон дарси кушоди «рафтору гуфтор, муошырату муносибати донишҷӯӣ» гузаштанд. Хулосаи суҳбати кушодашон ин буд, ки мо айёми донишҷӯиро бо ҳадафу мақсади муайян гузаронем ва худро аз тадобиру чорабиниҳои сиёсию фарҳангии факултету Донишгоҳ канор накашем.

Мо то Донишгоҳро хатм кардани онҳо оё то

куҷо пайравашон шудем, қазоват аз дигарҳост, вале охирҳои моҳи апрели соли 1980, Пайванди аспирант ва мани донишҷӯи соли охир, ҳамчун ғолибони Конфронси илмии апрелии Донишгоҳ ба Конфронси умумиитифоқии илмии аспирантон ва донишҷӯён ба шаҳри Киев роҳхат гирифтем ва бо пофишориҳои устоди равоншод Воҳид Асрорӣ сафари хидматии панҷрӯза насибамон гардид, баъди бозгашт аз сафар, Пайванд дар ҳузури Олимҷону Отамурод, ки дар редаксияҳои «Тоҷикистони советӣ» ва «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекарданд, аз таассуроти сафар нақл кардаву бо ишора ба банда, бо оҳанги виқору қаноатмандӣ гуфт: «Дар панҷумкурсиаш Киевро тасхир кард, насиҳатҳои мо барҳадар нарафта будааст».

Ростӣ, ҳамон вақт напурсидам, ки «мо-ку дар донишҷӯӣ кӯшидем пайрави шумо бошем, оё шумо ба киҳо пайравӣ доштед?» Шояд ҳоҷат ба пурсидан ҳам набуд, чун афкору андешаи ӯву ёронаш солҳои донишҷӯӣ дар рафтору амалашон тавассути саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ, радиову телевизион, худ аз пайравони устодони пиру ҷавон Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Соҳиб Табаров, Додоҷон Тоҷиев, Му-

каррама Қосимова, Султон Воҳидов, Абдусаттор Нуралиев, Иброҳим Усмонов будан бозгӯйӣ мекард. Худи Пайванд тамоми умр аз сабақҳои илмию таълимӣ, накукорию накурафтории ин устодон ҳамеша мегуфту менавишт.

Солҳои баъд бо зумрае аз шаркидарсони Пайванд ба шарофати ҳамкору ҳамкасбӣ, ҳамнишину ҳамсафар шудаву риштаҳои рафоқат танидаем, вале ҳамоно хубгӯиву самимигӯиҳои Пайванд дар ҳаққи шарикдарсонаш, ба мисли «Сафар Абдулло аз ҳама сермутолиа буду ҳаст», «Олимҷон қаламкаши ҷиддинавис аст», «Отамурод марди хушилҳому хушкорест», «Бобоҷон табиатан барои телевизион офарида шуда», «Обидҷон орифи замонавист», «Қиёмиддини Саттор кошифи шахсиятҳои таърихист»…, баҳри шинохти ёрони айёми донишҷӯӣ калиди муаррифист.

Аз шинохти имрӯзаи Пайванди Гулмуродзода, метавон хулосаи дигаре ҳосил намуд, ки Донишгоҳ ба ӯ натанҳо маълумоти олӣ, роҳхат ба фаъолияти касбӣ дод, балки эҳсоси фардии худҷӯиву худшиносии донишҷӯи ташнакомро то ба шахсияти худшиносу миллатшинос тарбия намуд. Ин тарбия дар марҳалаҳои навбатии

илмомӯзию пажуҳандагии ӯ бо гомҳову ибтикороти ибратангезаш аз худ дарак дод. Ӯ бо мададу дастгирии устодон аввал дар Душанбе, сипас дар Маскав таҳсили аспирантӣ дошт ва дар раванди пажуҳиши илмӣ, ки соли 1989 бо дифои рисолаи номзадии «Ташаккули публитсистикаи шуравии тоҷик» анҷомид, самти ковишу пажӯҳиши илмию тадқиқотиро ба сарчашмаи падидаи миллатсозӣ – ҷараёни маорифпарварӣ, мушаххас намуд.

Дар солҳои таҳсили аспирантура Пайванд бо истифода аз имконоти фарҳамовардаи даврони Бозсозии Горбачёвӣ, ки демократисозии давлату ҷомеаро ҳадаф дошт, талоши чандинсолааш дар мавриди тағйири ному насаб ба равиши миллиро амалӣ намуд. Ниҳоят, тобистони соли 1989, дар таътили тобистона, пеш аз ҳимояи рисолаи номзадӣ, дар шӯъбаи сабти санадҳои шаҳрвандии зодгоҳаш шаҳодатномаи табдили ному насаби Улашбой Гулмуродовро ба Гулмуродзода Пайванди Гулмурод ба даст овард.

**Устод Асрорӣ ва Пайванд**

Аслан, пас аз ду соли хатми Донишгоҳ, аз журналистикаи амалӣ ба таҳқиқоти касбӣ

баргаштани Пайванди Гулмуродзодаро маслиҳату дархости боисрори профессор Воҳид Асрорӣ сабаб гардида буд ва маҳсули пажӯҳиши илмии аспирант Гулмуродзода доир ба масъалаҳои таърих ва ташаккули матбуоти шуравии тоҷик, дифои рисолаи номзадӣ дар ҳузури донишмандони Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов гардид.

Роҳнамоии устод Асрорӣ Гулмуродзодаи муҳаққиқро ба дунёи пажӯҳишу тадриси журналистика ворид сохт ва устоду шогирд аввал дар шуъба ва минбаъд дар факултети таъсисёфтаи журналистикаи ДМТ, паҳлуи ҳам буданд. Пас аз сари устод Асрорӣ, Гулмуродзода буд, ки дар баробари мунтазам ба ҷо овардани суннатҳои миллию динии ёди устод Асрорӣ, дар факултет «Ганҷинаи профессор Асрорӣ»-ро таъсис дода, бо ризоияти завҷаву фарзандон китобхонаи шахсии устодро ба ихтиёри китобхонаи факултет вогузошт. Бо кӯшишу талошҳои Гулмуродзода ва ҳамкорони ҳамақидааш дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Ҷоизаи ба номи профессор Асрорӣ барои донишҷӯёни факултет ва шуъбаҳои

журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ таъсис ёфта, ҳамасола ба ғолибони озмуни ҳамном такдим мегардад.
Талошу заҳматҳои Гулмуродзода буд, ки дастнависҳои устод Асрорӣ дар бораи моҳият ва нақши журналистика дар ҷомеа, роҳу усулҳои таълиму тарбияи кадрҳои журналист дар Донишгоҳ, аввал бо номи «Роҳнамо» ҳамчун дастури методӣ (с.1997) ва пас аз чанд соли дигар бо иловаи хотироти ҳамкорону ҳамкасбон аз устоди равоншод, дар шакли маҷмӯае бо номи «Гуфтугӯ бо худ» (с.2007), маҷмӯаи хотираву ёддоштҳо бахшида ба 80-солагии В. Асрорӣ “Фонуси ёдҳо” (с.1998), гулчини ашъори Воҳид Асрорӣ “Шарораҳо” (1997) ба табъ расид. Баргузории Конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии ихтисосӣ ба ифтихори зодрӯзи устод Асрорӣ дар ҳар панҷ сол, ки дар факултети журналистикаи ДМТ ҳукми анъанаро гирифтааст, маҳсули ташаббус ва талоши қадршиносии Пайванд Гулмуродзода буд.

Онҳое, ки бо Пайванд риштаи дӯстию ҳамнишинӣ танидаанд, аз ин хислати модарзодии ӯ - меҳрварзию эҳтиром ва

қадршиносии устодон, бисёр гуфтаанду навиштаанд ва муносибати Пайвандро бо Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Баҳроми Шермуҳаммад ва Баҳром Фирӯз чун намунаи олии муносибати устодиву шогирдӣ, робитаву қадршиносии самимонаи тарафайн мисол задаанд.

*“Дар ҳамон замон (1980-1983) муаллим Асрорӣ чанд ҷавонро, ба мисли Пайванд Гулмуродзода, Муртазо Зайниддинов ва Аъзамҷон Азимовро, аспирант гирифтанд. Пайванди Гулмуродзода бозёфти журналистӣ маҳсуб мешуд. Ин бозёфт ба он маъно, ки ӯ патриоти журналист буд. Худаш дар матбуот кам фаъолият намуда буд, вале ҳамвора ҳамкорӣ дошт ва бо руҳияи бедору чолок кор мекард. Ӯ ҳамзамон бо нигоҳи журналистӣ дарс медод” (Иброҳим Усмонов, профессор).*



**Давлат Давронов**
**( 31. 01. 1941 – 26. 02. 2016)**

## ДӮСТИ ДӮСТПАРВАР

Акои Давлатбек (Давлат Давроновро одат карда будем чунин ном барем) марди миёнақади мӯйисари мошубиринҷаш шонаназадаро, аксар вақт дар як даст газетаи кулӯлакарда ва сигор дар дасти дигар, дар таку дав медидем. Нимаҳои дуюми солҳои 70-у 80-уми садаи гузашта, айёми ба гуфтае газетахонии мардум, шиносатро метавонистӣ дар назди дӯкони газетафурӯшии чорроҳаи Хонаи матбуот, ки воқеан маркази пойтахт ҳисоб мешуд ва идораи газетаҳои ҷумҳуриявӣ ва шаҳрӣ дар чор самти он ҷойгир буданд, пайдо кунӣ ва ё вохурӣ. Зимнан, ногуфта

намонад, ки чунин нақшро рӯзҳои иду истироҳат чойхонаи "Роҳат" мебозид. Мо, донишҷӯёни журналистшаванда бо акои Давлатбек шиноси рӯ ба рӯ набудем, вале ӯро чун бисёр рӯзноманигорони маъруфи "Тоҷикистони советӣ", ғойибона, аз рӯйи навиштаҳояш мешинохтем. Шарафи ошноӣ ва минбаъд ҳамнишинӣ бо акои Давлатбек, баъди хатми Донишгоҳ ва оғози кор дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон", аввалҳои солҳои 1980-ум насиб гардид. Акои Давлатбек мисли дигар журналистони собиқадор, ба идораи "КТ" зуд-зуд сар мезад, баъзан бо маводе барои чоп ва аксаран барои ҳолу аҳволпурсӣ аз ҳамкорони ҷавонашон. Ҳоло инро дарк намудан мушкил аст, вале он солҳо сари чанд вақт ба идораи нашрияҳо даробарои рӯзноманигорони соҳибқалам, сари пиёлаи чой суҳбат оростан бо журналистони навкор, ба маҳфиле ё маъракае ҳамроҳ гирифтани онҳо гӯё як амали муқаррарӣ буд.

Акои Давлатбек ҳамчун собиқ корманди "КТ" барои идораи рӯзномаи мо аз меҳмонони дилписанд буданд ва дилкушодӣ, хушсуҳбатӣ, ҳозирҷавобӣ эшонро зуд ба "одами худӣ"

табдил медод. Аз дидору гуфтумонҳо, шишту хезу ҳамнишиниҳо хислати асосӣ ва муаррифгари акои Давлатбек – дилёбию дӯстиҷӯйӣ бармало гардид ва солҳои минбаъда то рӯзҳои вопасини умр эшонро бо ҳамин хислату нишон шинохтем.

Рӯзи кории сешанбе, 6 ноябри соли 1990, назар ба дигар рӯзҳо дертар ба поён мерасид, зеро пагоҳ ид аст, таҷлили солгарди Инқилоби Октябр, роҳпаймоии идонаи мардум, рӯзи истироҳат, шумораи идонаи рӯзнома чун одат, дертар омода шуда, ба чоп рафтааст. Аҳли ҳуҷраи якуми редаксияи "Ҷавонони Тоҷикистон" қаламу қоғазҳоро ҷамъ карда, як-як мебаромадем, ки занги баланди телефон аз роҳ дошт. Аз он тараф садои маҳзуни канда-кандаи акои Давлатбек меомад:

- Мешунавед маро, Ҷонибек ... даргузаштааст, дар Тошканд, дар хонааш... Дар Порашт ба хок мемондаанд... Хабарро ба устод Лоиқ расонидам, саҳарӣ бо рейси якум ба Самарқанд меоянд, ман дар фурудгоҳ пешвоз мегирам... Бо Иноятулло дар алоқа бошед, тафсилоташро мегӯяд...

Аз ин хабари ногаҳонӣ карахт шудам, дар сарам фикрҳои парешон чарх мезад: Ин чӣ гап буд? Ҷонибек-ако даргузашт? О, ягон касалӣ надоштанд-ку, ҳафтаи пешин телефонӣ суҳбат доштем, хунукиҳо нафуромада, охирҳои ноябр Душанбе рафтаниям, гуфта буданд... Чӣ ҳодиса шуда бошад, садама, ягон фалокати дигар? Не, дар хонааш даргузашт, гуфтанд-ку...
Намедонистам чӣ кунам, яке "бо Иноятулло дар алоқа бошед", - гуфтани акои Давлатбек ба сарам заду рақамҳои телефони Иноят Насриддинро чиндам.

- Ҳа, бале, кори нашуданӣ шуд, дигар чӣ илоҷ, Худо раҳматаш кунад, Ҷонибек ҷони одам буд, - овози акои Иноят меларзид, - Давлатбек дар сафари хидматӣ буд, дар Айнии дурдаст аз ҷаноза чӣ хел хабар ёфтааст, ман ҳайрон, лек ростӣ, напурсидам, дӯстону ёрони қарини Худораҳматиро хабар кардам. Гулназар, Сайидалӣ рафтанӣ ҳастанд, устод Лоиқ гуфтанд, ки саҳари барвақт дар фурудгоҳ ҳозир шавем.

Ҳанӯз чашми рӯз накафида, ба назди кассаҳои билетфурӯшии дохили фурудгоҳ расидам, ки устодон Лоиқ, Гулназар, Сайидалӣ

Маъмур, Иноят Насриддин аллакай ҳамон ҷо буданд. Чеҳраҳои ҳама ғамгин, гӯё касе ёрои гапзанӣ надорад, устод Лоиқ як қабза шиносномаҳо дар даст, онсӯтар ба корманди масъули Фурудгоҳ чизе мефаҳмонанд, аз афташ, якбора 5 билет ёфтан мушкилӣ дорад.

Дарвоқеъ, он солҳо бо вуҷуди дар хатсайри ҳавоии Душанбе – Самарқанд – Душанбе шабонарӯз аз соати 6-и саҳар то 23-шаб, 10 парвози тайёра будан, дар рӯзи парвоз билет дастрас намудан кори осон набуд. Барои ҳолатҳои изтирорӣ ба ҳар парвоз 2-3 “билети брон”-и ҳукуматӣ то соати охир нигоҳ дошта мешуд, ки устод Лоиқ аз имтиёзи шаҳодатномаи Депутати Шӯрои Олии ИҶШС истифода карданӣ буданд.

Натиҷаи талошҳои устод Лоиқ чунин шуд, ки мо дар ду рейси аввали Самарқанд бо фосилаи як соат, парвоз кардем.

Дар фурудгоҳи Самарқанд акои Давлатбек бо мошини ГАЗ – 24, ки аз ноҳияи Айнӣ овардаанд, моро интизор буданд. Шашкаса ба мошин нишаста, озими роҳ шудем.

- Лоиқшо, мошинҳои “Уазик” ҳама дар саҳро, ҳамин мошини ҷӯраам хайрият, дар хона

будааст, - гӯё айбдорона гуфтанд акои Давлатбек, - барои аз ин ҷо ёфтани мошини таксӣ ташвишу даводаваш вақти зиёд мегирад.

- Мошин танг ҳам бошад, боке не, сайру тамошо-ку нарафта истодаем, вале ба ҳар ҳол, то маҳалли ҷаноза чӣ қадар роҳ бошад?, - сӯйи ман нигаристанд устод Лоиқ.

- То деҳаи Порашти ноҳияи Фориш кам не, ғам не, 200 километр роҳ аст, ними роҳ то Ҷиззах, шоҳроҳи маъруф ба “бетонка”, росту ҳамвор, вале ними дигари роҳ асфалти ҷо-ҷо шикаста, қитъаҳои убури маҳалҳои аҳолинишин ба ном асфалтпӯш, - росташро гуфтам ман.

Роҳи дарози ноҳамвор, бори вазнини мошин аз афташ корашро кард, ки дар миёнароҳи Ҷиззах – Фориш як чархи мошин кафид. То чархи эҳтиётиро шинониданy дам пур кардани ронандаамон, албатта, ҳудуди ним соат вақт рафт. Дар аснои ҷунбуҷӯли ронанда, медидем, ки акои Давлатбек чӣ ҳад беқарор асту ба истилоҳ “дилашро сагҳо тала мекунанд”, гӯё ин ҳолати пешомада бо айби ӯ рӯй дода бошад...

Вақте ба оромгоҳи деҳаи Порашт расидем, мардум ҷанозаи Ҷонибекро ба хок супорида, аз қабристон берун мешуданд... Аҳволу руҳияи дӯстони душанбегии Ҷонибекро тасаввур кардан мумкин, вале тасвир намудан мушкил аст. Бегумон, акои Давлатбек аз дигарҳо дида, дилхуну ҷигархун буд, сарашро миёни дастонаш фишурда, бо чашмони ашки шашқатор, зери лаб чиҳо мегуфту мегуфт. Он рӯзу рӯзҳои дигар, ки аз Ҷонибек ёд мекардем, акои Давлатбек бо афсусу надомат худро маломат мекард:

- Эҳ, сабил монад, ҳамон балони мошин, охир ним соат дертар мекафид, рӯйи ҳанӯз хунукнашудаи Ҷонибекро медидем...

Акои Давлатбек соле ҳам аз реҳлати Ҷонибек нагузашта, дар ёдномаи пурсӯзи "Ҷонфидои миллат" менависад: "Дар арафаи 50-солагии зодрӯзаш яке Ҷонибеки публитсистро ёд менамояд, ки дар замони беқадр будани лафзи тоҷикӣ ҳарфи сӯзон мегуфту менавишт ва дардошноёнро аз дасташон гирифта, ба майдони васеи худшиносӣ роҳбалад буд, дуввумӣ Ҷонибеки тарҷумонро ба хотир меоварад, ки тавассути ҷонбозиҳо миёни ду халқи ҳамтақдир пул

месохт ва барҳақ унвони мардумии сафири адабиёти тоҷикро дар Ӯзбекистон сазовор гардида буд. Ҳар касе боре бо ӯ рӯ ба рӯ омада бошад, ё ҳамсуҳбаташ гаштааст, чеҳраи пур аз назофат ва лабони пур аз табассумашро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад".

Ва худаш намунаи ибрати дӯстон, дӯсти азизаш Ҷонибекро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард. Дар маъракаи чили Ҷонибек, ки дар саҳни ҳавлии бинои манзилаш дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, акои Давлатбек роҳбаладӣ дӯстони душанбегии Ҷонибек - устодон Лоиқ, Гулназар, Сайидалӣ Маъмур, Меҳмон Бахтӣ, Иноят Насриддин буд, бо ҳамкорону ҳамкасбони Ҷонибек зуд унс гирифтаву дар мавриди гиромидошти ёду хотираи ин шоир, тарҷумон, публитсист, пайвандгари ду адабиёту ду халқи ҳамсоя дар Тошканд, маслиҳату машварат орост.

Барои акои Давлатбек ба ибораи худашон "асари ғаму андӯҳ аз фавти ёрону наздикон бо гузашти айём на камтар, балки баръакс, гиротар ва сӯзонтар мегардид", пас аз чанд соли дигар (1998), мунтахаби ашъори Ҷонибекро бо ҳамдастии Сайидалӣ Маъмур, бо

сарсухани устод Лоиқ ва дастгирии раиси вақти нашриёти “Адиб” Фарҳод Каримов бо унвони “Саховат” дар шакли китоби алоҳида ба чоп расонид.

Як вижагии муносибати самимии акои Давлатбек бо ҳамсолону ҳамнишинон ба ҳамкориҳои эҷодӣ печидани дӯстии самимист. Намунаҳои чунин ҳамнишинию ҳамкориҳо аз ҷумла бо Ҷӯрабек Муродов, Гулназар, Ҷонибек, Иноят Насриддин, Муҳиддин Олимпурро аз очеркҳои дар маҷмуаи “Камарбанди заррин” (Душанбе, 1998) гирдомада метавон дарёфт. Сатрҳои зайли дар арафаи 50-солагии Гулназар иншошудаи очерки “Чун кӯҳ дар сина ганҷи ниҳон дорам”, дар баробари таъкид ба хусусияти ашъори он давраи эҷодиёти шоир, ҳамзамон ифодаи эҳсоси ифтихор аз комёбиҳои эҷодии дӯст мебошанд: “Хурсандиовар он аст, ки сарфи назар аз душвориҳои рӯзгор, дар ашъори Гулназар таҳаввулоте ба назар мерасад, ки он рӯ овардан ба шеъри амиқи фалсафӣ – тасвирӣ аст ва ин бозёфт, ки дар ранг бӯро эҳсос мекунию дар бӯ рангро ва ё оҳанг ранге дораду ранг оҳанге. Гулназар дар

ин ҷода нақши тозае аз худ гузошта, дар адабиёт мавқеъ дорад нотакрор”.

Чунин табрикоту ифтихормандии акои Давлатбек аз назари Гулназар, Шоири халқии Тоҷикистон, дур намонд ва дар сарсухани пурлутфе ба китоби “Латифаҳо (мураттиб ва таҳиягар Давлати Даврон)” – (Душанбе, 2005), хосияти маҷмуаи мазкурро шарҳ дода, мусанниф, дӯсти худро низ ба дигарон ошно кардааст: “Дӯсти азизи ман, рӯзноманигори варзида Давлати Даврон зодаи деҳаи Куми ноҳияи Айнӣ мебошад. Мардуми ин деҳа бо латифгуфтори танз, киноят, қофиягӯйӣ, шӯхию мутоиба ном баровардаанд. Дар водии Зарафшон латифа ва ё зарофате ҳамин, ки ба миён омад, онро ба номи сокинони зодгоҳи Давлати Даврон бор мекунанду мегӯянду механданд. Мардум ба ин васила бори сангини зиндагиро сабук менамоянд, аз бадию бадкирдориҳо худро канор мекашанд, панд медиҳанд, муҳаббату накукориро пешаи худ қарор медиҳанд. Ҳамқалами мо Давлати Даврон марди бурдбор, ботамкин, хушгап ва ба ҳазлу шӯхии рафиқон тобовар. Ва аз ин рӯ, тавонистааст ҳазлу шӯхӣ, латифаву базла,

кинояту зарофати мардумро бо тамоми нозукиҳояш гирд оварда, ба дасти тасниф супорад”.

Аз муаррифии бародари азизамон Давлати Даврон бо қалами устод Гулназар беҳуда ёдовар нашудем. Пештар медонистем, ки деҳаи Куми ноҳияи Айнӣ ба мисли Габровои Булғористон, Рӯмони Хуҷанд, Ревомутки Масчо, Рашнаи Панҷакент, бо шӯхию мутоиба машҳур аст, вале намедонистем, ки акои Давлатбек зодаи Кум ҳастанд. Пас аз чопи китоби “Латифаҳо”, ки дарвоқеъ, 1 апрели соли 2005 нусхае бо соядаст бароям туҳфа шудааст, дар нишасту маҳфилҳо, гуфтумонҳои танаффусҳои миёни дарсҳо, ба акои Давлатбек беибо шӯхӣ мекардем. Рӯзе ҳамкорамон Дӯстмурод латифаеро аз ҳамон китоб:

“Ба шасти муаллиме, ки машғули моҳидорӣ буд, моҳичае афтод. Муаллим онро аз нав ба об партофта гуфт:

- Пагоҳ ҳамроҳи падару модарат биё”,

нақл карда пурсид:

- Ҳамон муаллим ҳам аз Кум будагист-а, муаллим?

- Не, ҷӯра, ин шӯхиат нагузашт, чунки дар Кум дарё нест, -  гӯё сабқатеро бурда бошанд, бо хушнудӣ гуфтанд акои Давлатбек.

- Хайр, ин хел бошад, ако, аниқашро бигӯед, ки дар Кум мавсими қурутдаравӣ кай сар мешавад? – хандаро пинҳон карда пурсидам ман.

Акои Давлатбек баробари дигарҳо ба завқ хандиданд, баъд симои ҷиддӣ гирифта, гуфтанд:

- Оббо, агар медонистам, ки тамоми кирдору гуфторҳои кумиҳоро ба гардани ман бор мекунед, аз ҳамон китоб туҳфа намекардам.

- Не, устод, ҳамон китобро таълиф намекардам, гӯед, - ҳозирҷавобии ҳамкорамон Ҳайдарӣ табъи дили акои Давлатбек афтоду ба суҳбат ҳам хотима гузошт.



**Дӯстмурод Бобоев**
**(10. 08. 1960 – 20. 09. 2020)**

# ДИЛҶӮВУ МЕҲРУБОН БУД ДӮСТМУРОД

Дӯстмурод Бобоев ба факултети журналистика бо собиқаи кори педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ, бо чашидани шаҳду талхии касби рӯзноманигории амалӣ ба кор омад. Бинобар ин, ба раванди таълиму тарбия дар ҷойи нави фаъолият зуд, бе мушкилӣ ворид гардид. Ихтисоси дар Донишгоҳ омӯхтаи ӯ журналистика набуд, роҳу равиши татқиқоти илмиаш ба масъалаҳои адабиётшиносӣ оғоз ёфта, бо дифоъи рисолаи номзадӣ "Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»" ва иншои гузоришу мақолаҳои илмӣ дар ин ришта идома меёфт. Вале фаъолияти ҳамзамон дар

нашрияҳои даврӣ, шавқу завқ ва дилбастагии Дӯстмуродро ба журналистика меафзуду сӯйи худ мекашид.

- Ҳамин буд, ки бо даъвати дӯстам, декани вақти факултети журналистика Сангин Гулов бе ҳеҷ истиҳола ба муҳити факултет пайвастам. Муҳити ошно, ҳамкорони аксар шинос ва ҳамсол барои дар ҷойи нав зуд мутобиқ шуданам мусоидат кард, - баъдтар он рӯзҳоро ба ёд меовард Дӯстмурод. - Як силсила китобҳои ихтисосии журналистика, ба мисли асарҳои муҳаққиқони ватанӣ Абдусаттор Нуралиев, Иброҳим Усмонов, Асадулло Саъдуллоев, назарияпардозони русу хориҷӣ ба мисли Прохоров, Корконосенко, Сидоров, Денис, Мерилро, ки Саъдулло Ҳайдарӣ рӯйихат карда дода буд, хондаву ҷо-ҷояшро ба дафтаре сабт менамудам.

Одате дошт Дӯстмурод, ки ибратангез буд. Аз чопи китоби наве ихтисосӣ огоҳ мешуд, аз интернет дастрас намуда мехонд ва муҳтавои онро нақл мекарду ҳамнишинонро шавқманд месохт, ки дарёфта хонанд. Баъде, ки он китобро ду-се нафар мутолиа карданд, гоҳе батамкину гоҳе боэҳтирос, аз ҳусну қубҳи он ба

баҳс мепардохт, вале кам ҳолате мешуд, ки фикрашро дар мавриди китоби хондааш тағйир диҳад.

- Дар дигар масъала мумкин, дар ин масъала аз фикрам намегардам, - мегуфт дастонашро шоф карда.

Ин одаташро ки медонистем, гӯё розӣ шуда бошем, баҳсро ба мавзуи дигар мекашидем.

- Бо Бобо дар мавриди китоб баҳс кардан, аслан зӯри беҳуда задан аст, чун Бобо дар байни китоб калон шудаанду забони китобро медонанд, - мегуфтам дар чунин ҳолатҳо, ки ба Дӯстмурод хуш меомад:

- Ана, Ако худатон ба инҳо фаҳмонед.

Ва ман мефаҳмонидам, ки тавсифи болоиям як не, ду далел дорад. Аввал, Дӯстмурод зодаи Вору, деҳае аст, ки мардумаш садсолаҳо боз бо хату саводнокӣ ва мадрасахонӣ дар водии Зарафшон ном баровардааст, зери болини кӯдак девони Ҳофизу Бедилро гузоштан, шабҳои зимистонро бо шоҳномахонию маснавихонӣ рӯз кардани мӯйсафедон дар меҳмонхонаҳо, маҳз дар Вору воқияти рӯз буда, дуввум, шумо медонед, ё не, Дӯстмурод солҳои вазнини 1990-ум бо нони ҳалоли китобфурӯшӣ

рӯзгор пеш бурдааст. Аз дӯкони китоби Бобо дар чорроҳаи Хонаи матбуот, борҳо китобҳои заруриро харидаам.
Дарвоқеъ, дар муоширату муроҷиат бештар “Бобо”-ро истифода карданам, ба худи Дӯстмурод ҳам маъқул буд.

Корафтодагон Дӯстмуродро дар танаффусҳо ё дамҳои аз дарс фориғ, дар кафедраи матбуот вомехӯрданд ва Ҳайдарии ҳамкафедрааш бо шӯхӣ мегуфт, ки “Дӯстмурод барои суҳбату чақ-чақ аз кафедраи матбуот ним баст сарборӣ дорад”.

- Ростӣ, ким-чи хел аурае маро ҳамин ҷо мекашад, - мегуфт худи Дӯстмурод, ҳарчанд ҳузураш бо суҳбатҳои хушаш барои муаллимони ҷавони кафедра табъи дил, айни муддао мебуд.

- Ҳамон аурае, ки мегӯед, руҳи бузургони кафедра аст, ки барои мову Шумо факултет бунёд кардаанд, ин ҷойгоҳи муқаддас аст, - мегуфтем мо бо ифтихор.

- Бузургони дигар ҳам беҳуда ба қадамҷойи бузургон намеоянд-дия, - паст намеомад Дӯстмурод.

- Назди бузургзодаҳо боз омадем, лек Ако, ба Шумо коре, хоҳише дорам, хеле андешидам, ки бигӯям ё не, охир, дар ин масъала дигар бо кӣ маслиҳат кунам, падар барои фарзанд чӣ корҳое намекунад... – аз шӯхӣ оҳанги имдодхоҳона гирифт боре садои Дӯстмурод.

Гап аз он рафт, ки духтарчааш Маҳастӣ, дастпарвари факултети худамонро, ба хориҷ аз Тоҷикистон, ба кор даъват кардаанд, вале модараш аз пеши чашмаш дур рафтани ӯро намехоҳад, худи Дӯстмурод низ дудила аст: "Писарча мебуд, дигар гап, ҳар куҷое равад, майлаш, вале духтарча, духтари қадрас"...

Аввал ҳайрон шудам, ки Дӯстмурод чаро маҳз аз ман маслиҳат мепурсад, ақаллан хешу табор ва ё ҳамсоя нестем, лек ба ёдам омад, ки соле пеш бо чӣ мушкилӣ Дӯстмуродро розӣ карда, Маҳастиро ба идораи "Азия-плюс" ба коромӯзӣ бурда будам. Аслан, барои "рост шудани қалами" Маҳастии донишҷӯ "машқи қаламатро ба муаллими дарси маҳорати касбӣ Шарифзода, амаки Қироншоҳат нишон деҳ", - гуфтани худи Дӯстмурод сабаб шуда буд. Маҳастӣ дар гурӯҳи тоҷикӣ таҳсил дошт, бо нашриёҳои "Озодагон"-у "Фараж" ба ҳамкорӣ пардохта буд, вале ба назари

инҷониб андешаҳояшро дар навиштаҳои русиаш беҳтар ифода менамуд, аз ин ҷо, дар ҷавоби хоҳиши дерини дӯсти ҳамкасбамон Умед Бобохонов “аз шогирдони русидони ҳушмандатон ду-се нафарро биёред”, ӯро ба идораи “Азия- плюс” роҳнамоӣ карда будам.

Ба сомонаҳои русизабони хориҷ аз ҷумҳурӣ ба кор даъват шудани як тан аз шогирдон мисли Маҳастӣ, аслан, барои устодону аҳли факултет мояи ифтихор буд, лек маслиҳат пурсидани падари ӯ бароям масъулияте низ дар дунбол дошт. Ба ҳар ҳол, пас аз чанде гуфтумону радду бадали ину он, Дӯстмурод моил гардид, ки “барои дар шароити феълӣ, бо имконоти фароҳами дидору суҳбати ҳамарӯза бо телефони ҳушманд, чандон зиқовар набудани дурии фарзанд модарашро ҳам муътақид месозад”.

Дӯстмурод баробари сермутолиа буданаш, дар навиштан низ миёни ҳамкорон сермаҳсул ва тезкор буд. Навиштаҳои ӯ дар нашрияҳои “Чархи гардун” ва “Фараж” дер намехобиданд, зеро мақолаю табсираҳои аз қалами сеҳрноки Дӯстмуроди Бобо таровида дар мавзуъҳои доғи рӯз ҳадафмандона иншо мегардиданд. Дӯстмурод ба эҷоди журналистӣ низ муносибати хос дошт, агар

дигарон навиштаашонро то ба нашрияе пешниҳод кардан, аз назари ҳамкорон гузаронанд, ӯ инро намехост, мегуфт, ҳар чӣ навиштам, ин фикри ман аст, бояд бе таҳрир ба чоп расад, муҳаррире ҳам мамводашро таҳрир карданӣ шавад, мегуфт, беҳтараш, худам пас аз таҳриру такмил боз меорам. Дар идораи нашрияҳои зикршуда чунин одату муносибати Дӯстмуродро баръакс, меписандиданд, чун медонистанд, ки ин муаллифи якравашон баробари девкорӣ масъулияти суханро низ эҳсос мекунад.

Ҳар касе бо Дӯстмурод дидор дидаасту ҳамсуҳбат гардидааст, ӯро ҳалиму нармгуфтор, хушгапу шаҳдгуфтор дармеёфт, хаёл мекард, ки гапи сахт ё ҳақорат дар таркиби луғавиаш вуҷуд надорад, вале мо, ҳамкорон нек медонистем, ки на ҳамеша чунин буд, зеро ду ҳолат – сахт асабӣ шудан ва сахт монда шудан "ҳақоратхалтаи" қулфзадаи ӯро боз мекард, ҳарчанд худаш мегуфт аз "ҳамун саҳар гуфтагем", зиёд намегӯям.

Дарвоқеъ, Дӯстмурод аз ёдмондаҳои айёми донишҷӯйӣ, аз дидаву шунидаҳо дар иҷорахонаи Борис-акаи яҳудӣ, нақли дар шарҳи "ҳамун саҳар гуфтагем"- ро бештар хуш дошт.

- Борис-акаи мӯзадӯзро боре пурсидам, ки дар ҷавоби эроду ҳақорати мизоҷонатон "ҳамун саҳар гуфтагем", - мегӯеду мемонед, ин чӣ маъно дорад? Гуфт, ки "ҳар саҳар пеш аз ба кор рафтан, бо овози шунаво тамоми ҳақорати медонистагиамро ба унвони мизоҷон равона мекунам".

Як рӯзи таътили тобистон, чор нафар устодон ба тӯйи арӯсии як шогирди дидадароямон рафтем. Роҳи дурро тай карда, ба саргаҳи деҳа расидем, ки гуфтанд, тӯйхона дар баландӣ аст, бояд пиёда бароем. "Боке нест, ҳама кӯҳзодаем, барозиро нав дидем-чӣ, чақ-чаққунон мебароем". Аз хонаҳои сангини зина-зина гузашта, хеле рафтем, ҳеҷ не, ки ба тӯйхона расем, монда ҳам шуда бошем, ҳама сир бой надода, раҳакием.

- Уф, ҳеҳ, дар ҷойи ватан кардагет садқа шавам, ӯ, мемурдӣ дар ҳамворӣ, лаби дарё хона созӣ, э, дар гӯри бобот оташ ...., - "ҳақоратборон"-и чандтабақаи Дӯстмурод ба ҳаво печид, - агар медонистам, ки чунин роҳу роҳрав дорад, асло намеомадам-е.

Медонистем, ки дар чунин ҳолатҳо таскинбахшии Дӯстмурод корест ношуданӣ, мефаҳмидем, ки барои шахси тануманди қариб

садкилой боло рафтан бо чунин роҳи тангу тори зина-зина чӣ андоза мушкил, то ором гирифтанаш, оромакак сабр кардем ва ӯро ба гап андармонкунон боло рафтем.

Дар дами дарвозаи ҳавлии васеъ мизбонон даст пеши бар “хуш омадед, дидоратон болои дида” – гӯён истиқбол гирифта, ба меҳмонхонаи кунҷи ҳавлӣ роҳбаладӣ карданд. Рӯйи дастурхони меҳмонхона пур аз нуқлу наво, ба гуфте ба ғайр аз шири мурғ дигар ҳама хӯрданию нӯшиданӣ муҳайё. Дӯстмуродро аз ҳама боло гузаронидем, то кацпаҳлу зада, хастагиашро рафъ созаду ба худ биёяд. Соҳиби хона, падари шогирд, амаку тағо сарафрозиашонро аз омадани мо такрор ба такрор иброз дошта, аз муаллимони мактаби деҳа 2 нафарро барои хизмат мутасаддӣ таъин намуда, меҳмононро ба хӯрдану ошомидан даъват мекарданд.

- Кӯфти роҳ баромадагист Бобо, аз ин нуқлу наво нӯши ҷон кунед, дигар чӣ ғам доред, вақти рафтан фуромадан осон аст, - ба Дӯстмурод ишора кардем.

- Ҳа, не, ҳамин лаънатӣ барозииаш набошад, ватани обод барин, - чойи таги пиёларо ҳурт кашида, қаноатмандона гуфт Дӯстмурод.

Шасти умри Дӯстмуродро телефонӣ табрик гуфта, шасти дигари умрашро таманно доштем, чун аз як тараф, зодрӯзаш ба таътили тобистон рост меомад, аз тарафи дигар, бемории ҳамагири Ковид ҳукмронӣ дошту таҳдиди он дидорбинию меҳмониравиро низ маҳдуд сохта буд. Соли нави таҳсил ковидолуд оғоз ёфт, Дӯстмурод бо риояи тамоми чораҳои имконпазири эҳтиётӣ аз Ковид, бо таъкиду огоҳсозии ҳамкорону шогирдон ба эҳтиёткорӣ, бо нияти рӯзи ҳимояи рисола таҷлил намудани 60-солагӣ, аз пайи ташвишҳои ҳуҷҷатнигорӣ барои дифоъи рисолаи докторӣ дар мавзуи “Кинопублитсистикаи тоҷик: ташаккул ва таҳаввул”, ногаҳон ба доми ин вабои аср печид ва рӯзи чаҳоруми табобат дар беморхона моро тарк карду рафт бебозгашт...

# ЗАМИМА

## Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов
## (10.11. 1912 – 01.01. 1990)

## ШАРҲИ ҲОЛ[1]

Солеҳ Раҷабов (Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов) соли 1912 дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омадааст. Ӯ бародари академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон Зариф Раҷабов аст.

Солеҳ Раҷабов соли 1933 Донишкадаи созмони шӯравӣ ва ҳуқуқи Тошкентро бо ихтисоси «ҳуқуқшинос» хатм кардааст. Самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи шуравӣ буд.

Солеҳ Раҷабов дар вазифаҳои директори Донишкадаи ҳуқуқи Тошкент (1936-1940; 1943-1945; 1949-1954), мудири кафедраи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (Самарқанд, 1955-1956), ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (1956-

---

[1] *Дар таҳияи ин ва дигар “Шарҳи ҳол” - ҳо аз маводи Википедиа — донишномаи озод ва китобу маҷмуаҳои тарҷумаҳолӣ ва ёдбуд истифода шуд.*

1971), муовини сармуҳаррири Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи шуравии тоҷик (1973-1975), Академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1975-1987), мушовири Раёсати Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1987-1990) фаъолият доштааст.

Солеҳ Раҷабов беш аз 250 асари илмӣ таълиф намудааст.

Солеҳ Раҷабов Арбоби шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон (1967), бо Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1970), бо панҷ ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шоён", "Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В.И.Ленин», «30-солагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «60-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС», Ифтихорномаҳои Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Ӯзбекистон қадрдонӣ шудааст.

Солеҳ Раҷабов 1 январи соли 1990 дар шаҳри Душанбе даргузаштааст.

*(Маълумоти бештарро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов аз Энсиклопедияи советии тоҷик, Ҷилди 6, - Душанбе, 1986. - С. 704 – 705; китобҳои “С.А.Раджабов – ученый, педагог и общественный деятель”. – Душанбе, 1982, метавон пайдо кард).*

## Мукаррама Қосимова
## (16.01. 1933 - 02.10. 2020)
## ШАРҲИ ҲОЛ

Мукаррама Қосимова (Мукаррама Набиевна Қосимова) 16 январи соли 1933 дар шаҳри Конибодом дар хонаводаи яке аз поягузорони рӯзноманигории тоҷик Набӣ Фахрӣ ба дунё омадааст. Баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дар аспирантура (1955 - 1959) таҳсил кардааст.

Солҳои 1956 - 1986 ба ҳайси муаллима, муаллимаи калон, дотсент, профессори факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кору фаъолият доштааст. Солҳои 1966 - 1968 ва 1974 - 1977 декани факултети филологияи ДДТ буд. Солҳои 1971 - 1973 дар вазифаи ходими калони илмӣ, солҳои 1986 - 1995 мудири кафедраи забони тоҷикии ДДТ ва солҳои 1995 - 2003 мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст.

Мукаррама Қосимова аз соли 1982 аввал ба ҳайси котиби илмӣ, сипас раиси Шурои диссертатсионӣ барои дифои рисолаҳои

номзадӣ ва докторӣ дар назди ДМТ то соли 2012 ва узви Шурои диссертатсионӣ дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аз соли 2004 профессор, мушовири илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ буд.

Бо ибтикори Мукаррама Қосимова Маркази омӯзиши забонҳои назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкил шуд, ки дар ин марказ асосан шаҳрвандони хориҷӣ забонҳои тоҷикӣ, русӣ, арабиро меомӯзанд ва аз соли 2001 то 2009 роҳбарии ин Марказро ба уҳда дошт. Ҳамзамон ӯ узви Комиссияи аттестатсионии назди Ҳукумати Тоҷикистон буд. Мукаррама Қосимова дар тарғибу омӯзиши алифбои ниёгон ба воситаи Телевизиони марказӣ ва ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» кӯшиши зиёде ба харҷ додааст.

Мукаррама Қосимова соли 1962 рисолаи номзадиро дар мавзуи «Ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик» ҳимоя намуд. Соли 1982 рисолаи доктoриро дифоъ кардааст. Профессор (1984), узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ (1997), академики Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ (1991), Аълочии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон (1967),

Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон (1996).

Зери роҳбарии Мукаррама Қосимова 42 нафар рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дифоъ кардаанд.

Мукаррама Қосимова барои мактаби олӣ ва миёна китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ таълиф намудааст. Ба қалами ӯ беш аз 190 номгӯйи асар ва интишороти илмӣ тааллуқ дорад.

“Хат ва имлои матни классикии тоҷик” /Васоити таълимӣ. — Душанбе, 1969; 1976; 1989; 2000; 2010; Маҷмуаи машқҳо аз забони тоҷикӣ /Дастур барои муаллимони мактабҳои миёна. — Душанбе, 1971; Хрестоматия оид ба матни классикӣ. — Душанбе, 1974; Практикум аз забони ҳозираи тоҷик/Морфология ва синтаксис: Васоити таълим барои донишҷӯёни факултети филологияи мактабҳои олӣ. — Душанбе, Маориф, 1976; Маҷмуаи машқҳои синтаксиси забони тоҷикӣ (бо ҳаммуаллифии Б. Камолиддинов). — Душанбе, 1976; Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои соддаи насри асри Х1 (Дар асоси материали «Сиёсатнома», «Қобуснома», «Сафарнома»). — Душанбе:

Ирфон, 1976; Маҷмӯаи машқҳо аз синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ (бо ҳаммуаллифии Б. Камолиддинов). — Душанбе, 1981; Луғати мухтасари таълимии тоҷикӣ-русӣ ва русӣ-тоҷикӣ (бо ҳаммуаллифии Д. Искандарова). — Душанбе, 2001; Луғати мухтасари мавзӯии таълимии тоҷикӣ-русӣ (бо ҳаммуаллифии Д. Искандарова, С. Собирҷонов, С. Ҳошимов, Т. Шокиров, А. Ҳасанов). — Душанбе, 2002; Краткий русско-таджикский тематический учебный словарь (бо ҳаммуаллифии Д. Искандарова).- Душанбе, 2002; Алифбои арабии тоҷикӣ ва имлои он (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои ғайрифилологии мактабҳои олӣ). — Душанбе, 2002; Луғати мухтасари мавзӯии таълимии тоҷикӣ-русӣ. — Душанбе, 2002; Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик. — Душанбе, 2002; Об дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. — Душанбе, 2003; Забон ва муъҷизаи он. — Душанбе, 2004; Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд. Нашри дуюм. — Душанбе, 2005; Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар). — Душанбе, 2007; Чор унсур: Маъниофаринӣ, калимасозӣ (дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ»). — Душанбе: Деваштич, 2007; Вожаи бад: маъно, калимасозӣ,

вазифаҳои грамматикӣ (дар асоси осори асрҳои 1Х-Х). — Душанбе: Сино, 2011; Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х). Ҷ.1. — Душанбе, 2012, маҳсули заҳматҳои бедареғи Мукаррама Қосимова мебошанд.

Мукаррама Қосимова “Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон” (1996) буда, бо медалҳои «Ветерани меҳнат», «Барои меҳнати шоён”, “Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин», нишонҳои ифтихории «Аълочии мактаби олии ИҶШС”, “Барои муваффақиятҳои шоиста дар фаъолияти меҳнатӣ», “Аълочии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон” қадрдонӣ гардидааст.

Мукаррама Қосимова 2 октябри соли 2020, дар манзили зисташ дар Душанбе даргузашт ва дар Оромгоҳи Сариосиёи пойтахт макони охират пайдо кард.

*(Маълумоти бештарро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Мукаррама Набиевна Қосимова метавонед аз Энсиклопедияи советии тоҷик, Ҷилди 8, - Душанбе, 1988. - С. 934; китобҳои Ганҷи суҳан, (Душанбе, 2013); Профессор Мукаррама Набиевна Қосимова (муҳтасари биобиблиография)- Душанбе, 2021 метавонед пайдо намоед).*

## ВОҲИД АСРОРӢ
## (07.11. 1917 – 03.06. 1996)
## ШАРҲИ ҲОЛ

Воҳид Асрорӣ 7 ноябри соли 1917 дар шаҳри Хуҷанди ҶШС Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи Институти муаллимии Тошканд (1938), Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Шевченко (1949). Фаъолияти корӣ ва эҷодии Воҳид Асрорӣ аз соли 1933 оғоз гардидааст (муаллим то соли 1942). Солҳои 1944–50 корманди соҳаи маориф ва матбуот (ҷонишин, сипас муҳаррири газетаи «Пионери Тоҷикистон», 1946–1950), пас аз хатми таҳсил дар аспирантура (1952) муаллими калон, дотсенти ДДОД ба номи Т. Шевченко (1952–1957) ва аз соли 1957 то охири умр дар ДДТ ба номи В.И. Ленин дар вазифаҳои дотсент, профессор, декани факултети филологияи тоҷик (1968-1973) мудири кафедраҳои фолклор ва адабиёти халқҳои СССР (1969-1989), журналистика ва адабиёти халқҳои СССР (1989 -1992) – факултети филологияи тоҷик, журналистика ва адабиёти хориҷӣ (1992-1996) - факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст. Доктори илми филология.

Воҳид Асрорӣ зимни тадриси фанни таълимии фолклори тоҷик ба масъалаи омӯзиши фолклор машғул шудааст. Оид ба масъалаҳои назариявии фолклор, таърихи фолклоршиносии тоҷик, навъҳои фолклор асарҳоеро бо номи «Халқ ва адабиёт» (1968), «Адабиёт ва фолклор» (1967), «Фолклор, халқият, нависанда» (1982), «Жанрҳои хурди фолклорӣ» (1990), «Юсуф Вафо», (1957) ва мақолаҳои зиёде таълиф намудааст. Воҳид Асрорӣ ба масъалаи муносибати адабиёт ва фолклор, истифодаи нависандагон аз фолклор таваҷҷуҳи хосса дошт («Фолклор, халкият, нависанда», 1982). Дар ин ҷода симои эҷодии ӯ чун адабиётшинос ҷилва намудааст. Ӯ дар асарҳои илмии худ масъалаҳои муносибати нависанда ба фолклор, мавқеи бадеию ғоявии эҷодиёти даҳанакии халқ дар адабиёти бадеӣ, маҳорати нависанда дар истифодаи фолклор, халқият ва такомули реализм дар адабиёти шӯравӣ, нависанда ва хазинаи забони халқӣ ва ғ.-ро тадқиқ намудааст.

Воҳид Асрорӣ барои мактабҳои миёна («Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 1-ум ва 2-юм, 1950–1984) ва барои мактабҳои олӣ («Эҷодиёти

даҳанакии халқи тоҷик», 1980, ҳамроҳи Р. Амонов; соли 1985 дар Кобул низ нашр шуд) китобҳои дарсӣ таълиф намудааст. Муаллифи китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» (барои синфҳои 1, 2, 1950–1984), «Забони тоҷикӣ» (барои чаласаводон, 1950) мебошад.

Нахустин шеъру ҳикояҳои Воҳид Асрорӣ дар саҳифаҳои матбуот солҳои 1940 ба табъ расидаанд. Ӯ муаллифи маҷмуаҳои «Салом мактаб» (1951), «Ҳардуяшон нағз» (1962), «Замзамаи ҳаёт» (1964), «Шарораҳо» (1997) буда, асарҳои шоирону нависандагони рус Аркадий Гайдар, Чехов, Маршак, Маяковский, шеърҳои шоирони узбек Мирмӯҳсин, Асқад Мухтор, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва дигаронро ба тоҷикӣ баргардонидаast.

Воҳид Асрорӣ иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буда, бо ордени Ҷанги Ватанӣ (дараҷаи 1) ва чандин медалҳо мукофотонида шудааст.

Воҳид Асрорӣ ба унвони “Ходими Хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон” (1977) ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст.

Узви ИН Тоҷикистон (1954) ва узви ИЖ Тоҷикистон (1975).

Воҳид Асрорӣ 3 июни соли 1996 даргузашт ва дар Оромгоҳи Сариосиёи Душанбе ба хок супорида шуд.

*(Дар бораи Воҳид Асрорӣ дар Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷилди 1, - Душанбе, 1988. -С. 189 – 190; китобҳои Гулмуродзода П. "Роҳҳо ва солҳо". - Душанбе, 1987; "Фонуси ёдҳо (маҷмуаи хотираву ёддоштҳо бахшида ба 80-солагии В. Асрорӣ)". - Душанбе, 1998; "Гуфтугӯ бо худ (маҷмуаи хотираҳои ҳамкорон ва мақолаҳои В. Асрорӣ)". - Душанбе, 2007, маълумоти бештар метавон пайдо кард).*

**Хоҷабек Зулфиқоров**
**(15.08. 1939 – 26.09. 1999)**

## ШАРҲИ ҲОЛ

Хоҷабек Зулфиқоров 15 августи соли 1939 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфара таваллуд ёфтааст. Мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Шаҳринавро бо медали тилло хатм намудааст. Дар мактаби мусиқии ба номи Чайковскийи шаҳри Душанбе ҳунари найнавозиро омӯхтааст.

Соли 1963 факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Маскав, ба номи Ломоносовро хатм намудааст. Соле дар Маскав, дар Дастгоҳи Шурои Вазирони ИҶШС кор кардааст.

Хоҷабек Зулфиқоров соли 1966 ба Душанбе баргашта, муддате дар идораи рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" фаъолият кардааст.

Бо таъсис ёфтани шуъбаи журналистикаи факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соли 1966, бо даъвати ректори ДДТ академик Солеҳ Раҷабов, ба ДДТ ба кор гузашта, то соли 1976 чун аввалин муаллими ихтисоси журналистика фаъолият доштааст. Аз соли 1976 то соли 1991 дар

Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва аз соли 1991 то охири умр дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи ДМТ фаъолият дошт.

Хоҷабек Зулфиқоров 26 сентябри соли 1999, дар мазили зисташ бар асари касалии сактаи дил ин дунёро тарк кард. Дар Оромгоҳи Сариосиёи пойтахт ба хок супорида шудааст.

**Абдусаттор Нуралиев**
**(22.08. 1941 – 20.03. 2020)**

## ШАРҲИ ҲОЛ

Абдусаттор Нуралиев 22 августи соли 1941 дар ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Азбаски дар айёми кӯдакиаш хонаводаи Нуралиев ба ноҳияи Қизилкуми Қазоқистони Ҷанубӣ кӯч баста буданд, ӯ мактаби миёнаро ба забони қазоқӣ хатм намуда, баъди хизмати ҳарбӣ, соли 1964 ба факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон дохил шуда, онро соли 1968 бо дипломи аъло ба поён мерасонад.

Абдусаттор Нуралиев соли 1968 бо даъвати ректори вақти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Солеҳ Раҷабов ба Душанбе омада, ба ҳайси муаллими шуъбаи навтаъсиси журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба кор мепардозад ва тақдирашро ба таҳсилоти журналистӣ мепайвандад.

Абдусаттор Нуралиев солҳои 1968 – 1976 дар вазифаи муаллими калони шуъбаи журналистикаи ДДТ, солҳои 1977 – 2000 дотсенти ДДМТ, солҳои 1988 – 1993 муовини

декан, солҳои 1993 - 1996 декани факултети журналистика ва тарҷумонии ДДМТ, солҳои 1996 – 1999 мудири кафедраи матбуоти ДДМТ, солҳои 1999 – 2002 мудири кафедраи журналистика ва адабиёти хориҷии ДДМТ, солҳои 2002 – 2012 мудири кафедраи таърих ва назарияи журналистика ва ВАО – и электронии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон, солҳои 2012 – 2020 профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналхалқии ДСРТ, ҳамзамон солҳои 2003-2020 профессори кафедраи матбуоти ДМТ фаъолият доштааст.

Абдусаттор Нуралиев соли 1975 рисолаи номзадӣ ва соли 1998 рисолаи доктории илмҳои филологиро дифоъ намудааст. Аз соли 2001 профессор. Аз соли 1968 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон.

Фаъолияти Абдусаттор Нуралиев дар самти таҳсилот ва илм низ пурбаҳра будааст. Ӯ солҳои 1977–1992 узви Иттиҳодияи таълиму методии оид ба ихтисоси “журналистика”–и Вазорати таҳсилоти олии ИҶШС (Россия), солҳои 2004 – 2011 директори “Маркази таълими журналистикаи ДСРТ”, солҳои 2000 – 2020 узви Шурои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории назди ДМТ, солҳои 2009 – 2020 узви

Шурои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории назди ДСРТ буд. Профессор Абдусаттор Нуралиев ба рисолаҳои доктории 3 нафар, рисолаҳои номзадии 26 нафар роҳбари илмӣ, ба рисолаҳои доктории 9 нафар, ба рисолаҳои номзадии 18 нафар муқарризи илмӣ будааст. Дар 18 конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ оид ба журналистика ва робитаҳои адабӣ, аз ҷумла дар шаҳрҳои Теҳрон, Маскав, Киев, Тошканд, Остона, Алмаато бо маърӯзаву гузоишҳои илмӣ ширкат доштааст. Ӯ ба ҳайси профессори ифтихории кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Россия, ба корҳои илмию татқиқотии пажуҳишгарони ҷавон роҳнамоӣ кардааст.

Абдусаттор Нуралиев дар баробари иҷрои кору вазифаҳои расмӣ, вазифаҳои ҷамъиятиро низ бо масъулияти том ба ӯҳда доштааст. Солҳои 1976 – 1992 Университети халқии хабарнигорони коргару деҳқони назди Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, солҳои 2005 – 2020 раиси Ҷамъияти "Дӯстии Тоҷикистону Қазоқистон"-ро роҳбарӣ кардааст.

Абдусаттор Нуралиев муаллифи наздики 200 мақолаҳои илмӣ, илмию оммавӣ ва 27 монография ва дастурҳои таълим вобаста ба масъалаҳои журналистика ва робитаҳои адабӣ мебошад.

Китобҳои “Жанрҳои ахбории матбуот” (Душанбе, 1988); “Журналистикаи советии тоҷик” (дар ҳаммуаллифӣ, Душанбе, 1989); “Литература народов Центральной Азии”. (Душанбе, 1994); “Абай ва адабиёти тоҷик” (Душанбе, 1995); “Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ” (Душанбе, 2001); “Казахско-таджикские литературные связи” (Алматы, 2001);; “Информационные жанры печати” (Душанбе, 2005; “Правовые основы журналистики” (Душанбе, 2005); “Асосҳои ҳуқуқии журналистика”(Душанбе, 2005); “Таджикско-Казахские литературные взаимосвязи” (Душанбе, 2011); “Журналистика стран Америки” (Душанбе, 2013); “История зарубежной журналистики” (Душанбе, 2014); “История отечественной журналистики, часть 1” (Душанбе, 2014); “История отечественной журналистики, часть 2” (Душанбе, 2016); “Казахи Таджикистана” (Душанбе, 2016); “История русской журналистики, часть 3” (Душанбе, 2017); “История оте-

чественной журналистики советского периода” (Душанбе, 2018) аз ҷумлаи осори мондагори профессор Абдусаттор Нуралиев мебошанд.

Абдусаттор Нуралиев бо медалҳои “Ветерани меҳнат” (1989), “Хизмати шоиста” (1998), унвонҳои ифтихории “Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1998), “Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2000), “Корманди фахрии таҳсилоти олии Федератсияи Россия” (2011), нишони ҷашнии “20–солагии истиқлоли Ҷумҳурии Қазоқистон” қадр гардидааст. Барандаи Ҷоизаи ба номи Лоҳутии ИЖТ аст.

Абдусаттор Нуралиев 20 марти соли 2020 бар асари бемории сактаи дил вафот кард. Дар Оромгоҳи Сариосиёи пойтахт манзили охират ёфт.

*(Маълумоти бештарро дар бораи рӯзгору осори профессор Абдусаттор Нуралиев дар “Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик”. - Ҷ.3. — Душанбе, 2004. - С.517; “Профессор Нуралиев Абдусаттор (Библиографический справочник и сборник статьей посвященные в честь 70 – летие»). – Душанбе, 2011; “Наша Элита” (Энциклопедия Каз. НУ им. Аль-Фараби)*

*- Алматы, 2014. -Т.2. - С.144; «Муаллим Нуралиев (Маҷмӯаи мақола, очерку лавҳаҳо доир ба рӯзгор, фаъолияти илмиву омӯзгорӣ ва ҷамъиятии профессор Абдусаттор Нуралиев”). – Душанбе, 2021. – 148 саҳ.; “Устод Нуралиев (Библиографический справочник и сборник статей, росвященные 80 – летию Абдусаттора Нуралиевича Нуралиева)”. – Душанбе, 2022. – 78 с., метавонед дарёфт намоед).*

**Асадулло Саъдуллоев**
**(22.09. 1940 – 04.02. 2016)**

## ШАРҲИ ҲОЛ

Асадулло Саъдуллоев 22 сентябри соли 1940 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёна ба факултаи таърих ва филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (феълан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1962 хатм мекунад. Солҳои тӯлонӣ дар Телевизиони Тоҷик, нашриёҳои «Маориф ва маданият», «Газетаи муаллимон» ва «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») кор кардааст. Минбаъд, ба муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамчун муаллими калони кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои ИҶШС (1980—1984), омӯзгори Донишгоҳи Кобул (1984—1987) солҳои 1988 – 1991 ба ҳайси дотсенти кафедраи журналистика ва адабиёти хориҷӣ дарс гуфтааст. Давоми солҳои 1992—2000 ва 2007—2009 ба кафедраи телерадиожурналистика, солҳои 2004-2006 ба кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҳбарӣ карда, тӯли солҳои 2002—2005 декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз соли 2009 то соли 2016

профессори кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон ва ҳамзамон профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ буд.

Асадулло Саъдуллоев соли 1978 рисолаи номзадӣ ва соли 1996 рисолаи докториашро ҳимоя намудааст. Аз соли 1988 дотсент, аз соли 1998 профессор. Муаллифи 31 китобу монография, 160 мақолаи илмӣ, илмию оммавӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои назария ва амалияи журналистикаи тоҷик, иштирокчии якчанд конфронсҳои илмии байналмилалӣ аст.

Асадулло Саъдуллоев муаллифи китобҳои “Хосияти адабиёт” (Душанбе, 2000); “Памяти друзей” (Душанбе, 2001); “Рангҳои зиндагӣ” (Душанбе, 2006); “Наҷвои наҷотофарин” (Душанбе, 2007); “Техника и технология СМИ” (Душанбе, 2007); “Горизонты публицистики” (Душанбе, 2009); “Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра” (Душанбе, 2010) мебошад.

Асадулло Саъдуллоев узви ИЖТ (1965), узви ИНТ (1997), Корманди шоистаи Тоҷикистон (2013), Аълочии маорифи Тоҷикистон (1984); барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутӣ

(1998); Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (2004); Аълочии телевизион ва радиошунавонии Тоҷикистон (2010) буд.

Асадулло Саъдуллоев 4 феврали 2016 бар асари беморие тӯлонӣ аз олам даргузашт ва дар зодгоҳаш ба хок супорида шуд.

*(Маълумоти бештарро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Асадулло Саъдуллоев аз китобҳои "Бомдоди шубоб (Аз ҳошияи хотираҳо)". - Душанбе, 1994; "Гавҳаршинос". – Душанбе, 2001; "Гулбуне зи боғи маърифат" (мураттиб ва муҳаррири масъул Шарифов Р.). - Душанбе, 2014; "Устоди устодон". –Душанбе, 1916, метавонед пайдо намоед).*

**Баҳриддин Камолиддинов**
**(08.10. 1935 – 13.05. 2020)**
## ШАРҲИ ҲОЛ

Баҳриддин Камолиддинов 8 октябри 1935 дар деҳаи Пунғази ноҳияи Ашт, вилояти Суғд ба дунё омадааст. Баъди хатми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин) бо дипломи сурх, аз соли 1959 ба ҳайси ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуда, соли 1966 рисолаи номзадӣ ва соли 1988 рисолаи докторӣ дифоъ намудааст ва аз соли 1991 соҳиби унвони илмии профессор буд. Солҳои зиёде ҷонишини декани факултаи филология ва шарқшиносӣ оид ба таълим, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз соли 1994 то соли 2011 вазифаи мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бар уҳда дошт. То рӯзи маргаш профессори ҳамин кафедра буд.

Нахустин рисолаҳои илмии Баҳриддин Камолиддинов бо унвонҳои “Ҳаким Карим”, “Забон ва услуби Ҳаким Карим” солҳои

шастуми садаи гузашта ба табъ расидаанд. Солҳои минбаъда рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсию дастурҳои таълимии "Услубшиносӣ" (Д.,1973), ки ба забони дарӣ дар Афғонистон ду маротиба чоп шудааст, ду маҷмӯи машқҳо доир ба наҳви забони тоҷикӣ (ҳаммуаллиф, 1978, 1982), "Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён" (1986), "Ҳусни баён" (1989), "Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ" (1992), "Услубшиносӣ" (ҳаммуаллиф, китоби дарсӣ барои хонандагони макотиби миёна, 1995), "Сухан аз баҳри дигарон гӯянд" (2001), "Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ" (2003), "Сухандонон сухан санҷида гӯянд" (2005), "Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот" (2007), "Сухан гуфтию дурр суфтӣ, ё рӯ ба рӯ бо микрофон" (2007), "Забони тоҷикӣ" (Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11 (2007), "Наҳви забони тоҷикӣ" (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои филология, рӯзноманигорӣ ва забонҳои Шарқ, 2010), "Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке (2010), "Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул" (2013), инчунин бо ҳаммуаллифӣ бо олимони

дигар дастури ёрирасони таълимии “Тарҷума ва балоғати сухан” (иборат аз ду ҷилд, 2004 ва 2005)-и ӯ ба чоп расидаанд.

Бар замми ин, Баҳриддин Камолиддинов дар давоми фаъолияти илмию омӯзгорӣ беш аз 170 мақолаи илмию методӣ интишор намуда, беш аз 50 номгӯй асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимиро таҳрир кардааст. Баҳриддин Камолиддинов яке аз муаллифон ва муҳаррирони “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (грамматикаи илмии академӣ, 1985-1992) мебошад.

Профессор Баҳриддин Камолиддинов дар давоми солҳои 1991-2011 ба ҳайси узви шуроҳои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон, Институти илмҳои педагогӣ дар тайёр кардани мутахассисони ҷавон хидмати шоиста намудааст. Номбурда ба ҳайси узви Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати кории ислоҳоти имлои забони тоҷикӣ (солҳои 1994-1998 ва 2010) хидмат кардааст.

Баҳриддин Камолиддинов ба ҳайси сардори гурӯҳи ҳамоҳангсози фанни забони тоҷикии Шӯрои миллии таҳсилоти Вазорати маорифи Тоҷикистон дар таълифи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои хонандагон (тоҷику ғайритоҷикзабон)-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ низ ба муаллифони китобҳои дарсӣ ба сифати мушовир, муқарриз ё муҳаррир ёрӣ кардааст. Таҳти роҳбарии Баҳриддин Камолиддинов 20 нафар рисолаи номзадӣ ва 4 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намудаанд.

Баҳриддин Камолиддинов бо унвону мукофотҳои “Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон”, “Корманди шоистаи Тоҷикистон”, “Аълочии маорифи Тоҷикистон”, нишони “Комёбиҳои беназир дар таълими мактаби олӣ”, ду Ифтихорномаи Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Баҳриддин Камолиддинов 13-уми майи 2020 дар синни 84 солагӣ аз бемории COVID-19 дар манзили зисташ, дар шаҳри Душанбе пас аз як рӯзи марги духтараш Гулнора Камолиддинова даргузашт. Ӯ як ҳафтаи охир аз

ин беморӣ ранҷ мекашид ва дар манзилаш табобат мегирифт. Ҷасади ӯро дар оромгоҳи Сариосиёи Душанбе дар канори ҳамсараш ба хок супурданд.

*(Маълумоти бештарро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Баҳриддин Камолиддинов аз китоби "Умре, ки фидои илм гардид". -Душанбе, 2020, метавонед пайдо кунед).*

## Пайванд Гулмуродзода
## (20. 07. 1956 – 08. 04. 2013)
## ШАРҲИ ҲОЛ

Пайванд Гулмуродзода 20 июли 1956 дар деҳаи Ӯхм, ноҳияи Фориш, вилояти Самарқанд ба дунё омадааст. Соли 1973 дар зодгоҳаш мактаби тоҷикии рақами 14, ба номи Садриддин Айниро ба итмом расонда, ҳамон сол ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуд ва соли 1978 онро бо ихтисоси филолог-журналист бо дипломи аъло хатм намуд.

Баъди итмоми донишгоҳ аз 4 октябри соли 1978 то 1 январи соли 1980 дар Саридораи ахбори радиои Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон ба сифати муҳаррир кор кард ва аз соли 1980 то охири умр ба ҳайси аспирант, муаллими калон, дотсент, докторант дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дошт.

Пайванд Гулмуродзода аз 15 ноябри соли 1986 то 22 августи соли 1989 дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов таҳсил намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ташаккули публитсистикаи шуравии тоҷик (1917—1929)» бо ихтисоси 10.01.01-Журналистика ҳимоя кард.

Баъди бозгашт ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аввал чун муаллими калон, аз соли 1990 ба ҳайси дотсенти кафедраи «Журналистика ва адабиёти халқҳои шуравӣ» (ҳоло «Матбуот») кор кард.

Аз соли 1992 то соли 1996 дар вазифаи муовини декани факултети журналистика ва солҳои 1996—2001, 2005—2006 ба ҳайси декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дошт.

Соли 1997 нашрияи таълимии факултети журналистикаи ДМТ «Қалам» ва баҳори ҳамон сол фаслномаи илмӣ, адабӣ ва фарҳангии «Гули мурод»-ро таъсис дод.

Пайванди Гулмуродзода муҳаққиқи варзидаи публитсистикаи ибтидои садаи 20-и тоҷик мебошад. Дар пажӯҳишҳояш масъалаҳои мактабу маориф, фарҳангу адаб, худшиносиву худогоҳии миллӣ ҷойгоҳи хоса доранд.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки Пайванди Гулмуродзода ба таҳқиқи масъалаҳои маорифпарварӣ сари кор дошт, андешаҳояш маорифпарварона буд ва ин ҷиҳат дар навиштаҳояш низ мақоми вижа касб кардааст. Таҳти роҳбарии мавсуф 5 нафар муҳаққиқони ҷавон рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Ӯ дар солҳои охири умр дар факултети журналистикаи ДМТ ва Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа мекард. Ӯ аъзои Иттифоқи журналистон (соли 1988) ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (соли 1998) мебошад.

Пайванди Гулмуродзода муаллифи зиёда аз 110 мақолаи илмӣ, 220 очерку мақолаҳои публитсистӣ, чандин дастуру воситаҳои таълимӣ аст.

Ба қалами ӯ очеркҳои «Сеҳри сухан» (1984), «Дарё равон аст…» (1986), «Илми кор мебояд» (1990, дар ҳаммуаллифӣ бо Асадулло Саъдуллоев), «Шеваи омӯзиш» (1990), «Моро маъзур доред, устод» (1993), «Нон ва ном» (1995), «Андешаи роҳ» (1996), «Қуллаи мурод» (1997), дастурҳои таълимии «Жанрҳои журналистикаи советии тоҷик» (дар ҳаммуаллифӣ бо Абдусаттор Нуралиев, Асадулло Саъдуллоев ва Иброҳим Усмонов) - (1989), "Жанрҳои таҳлилии матбуот" (дар ҳаммуаллифӣ бо Асадулло Саъдуллоев)- (1995), «Публицистика и время» (2005), «Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон» (2006), "Биёву биншину бишнав рози тоҷик" (2007), «Матбуоти тоҷик ва масоили гендерӣ» (дар ҳамқаламӣ бо Ҷовид Муқим)- (2007), «Раҳнамои хатмкунанда» (2009) тааллуқ доранд.

Пайванди Гулмуродзода барои хидматҳояш дар рушду нумӯи адабиёту фарҳанг ва журналистикаи тоҷик бо чандин ифтихорномаву медалу нишонҳо сарфароз гардидааст. Аз ҷумла, барандаи Ҷоизаи Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, дорандаи нишонҳои сарисинагии «Аълочии матбуоти Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Аълочии телевизион ва радиошунавонии Тоҷикистон», медали «Хизмати шоиста» (2001), ифтихорномаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пайванди Гулмуродзода шаби 7 ба 8 апрели соли 2013 дар синни 56-солагӣ бар асари бемории сактаи қалб даргузашт ва дар оромгоҳи деҳаи Чортути ноҳияи Рӯдакӣ ба хок супурда шуд.

*(Маълумоти бештарро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Пайванди Гулмуродзода метавонед аз китоби "Пайванди дилҳо" (Маҷмуаи мақолаҳо доир ба фаъолияти илмиву омӯзгории Пайванди Гулмуродзода ва китобномаи шарҳиҳолии ӯ), - Душанбе, 2016 метавонед пайдо кунед).*

**Давлат Давронов**
**( 31. 01. 1941 – 26. 02. 2016)**
**ШАРҲИ ҲОЛ**

Давлат Давронов 31 январи соли 1941 дар деҳаи Кум, ноҳияи Айнӣ ба дунё омадааст.
Соли 1963 Донишкадаи давлатии Душанбе, соли 1973 Мактаби олии ҳизбии шаҳри Маскавро ба итмом расонидааст.

Давлат Давронов солҳои зиёд дар рӯзномаҳои “Комсомоли Тоҷикистон”, “Тоҷикистони советӣ” фаъолият доштааст. Солҳои 1986-1988 нашрияи “Ба қуллаҳои дониш”-и ДДТ-ро муҳаррирӣ кардааст. Дар Дастгоҳи Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги ҶТ низ фаъолият намудааст. Номзади илми таърих (1984), аз соли 1991 то поёни умр дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ буд.

Давлат Давронов муаллифи китобҳои “Таърихи матбуоти тоҷик” (1999, дар ҳаммуаллифӣ бо И. Усмонов); “Таърихи журналистикаи тоҷик” (2008, дар ҳаммуаллифӣ бо И. Усмонов); “Сухан ва мавқеи суханварӣ дар телевизион” (2000); “Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист” (2004, бо ҳаммуаллифииА. Саъдуллоев, М. Муродов); “Мавқеи садо ва

симо” (2009); “Камарбанди заррин” (1998); “Зарафшон то наво дорад” (2000); “Родмарди ҷонфидо” (2001); “Латифаҳо” (мураттиб ва таҳиягар), - (2005) мебошад. Ҳамчунин ба қалами ӯ беш аз 500 мақолаю мусоҳиба, лавҳаю очерк тааллуқ доранд.

Давлат Давронов аз соли 1966 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), дорандаи Ҷоизаи ба номи Лоҳутии ИЖТ (2009) аст.

Давлат Давронов 26 феврали соли 2016, бар асари бемории тӯлонӣ вафот кард. Дар Оромгоҳи Сариосиёи пойтахт ба хок супорида шуд.

**Дӯстмурод Бобоев**
**(10. 08. 1960 – 20. 09. 2020)**

## ШАРҲИ ҲОЛ

Дӯстмурод Бобоев 10 августи соли 1960 дар деҳаи Вору, ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хатм намуда, соли 1989 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ба итмом расонидааст.

Аз соли 1989 то соли 2007 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ҳайси аспирант, ассистент, муаллими калон, дотсент фаъолият доштааст. Дар ин миён чанде корманди илмии Академияи илмҳои Тоҷикистон низ будааст.

Дар нашрияҳои “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Омӯзгор”, “Чархи гардун”, “Минбари халқ” фаъолият доштааст.

Дӯстмурод Бобоев аз соли 2007 то охири умр дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи ДМТ ба ҳайси дотсент кор кардааст.

Ба қалами Дӯстмурод Бобоев китобҳои “Техника ва технологияи воситаҳои электронии ахбор” (бо ҳаммуаллифии С. Ҳайдарӣ), - (2017);

“Махсусияти кор дар ВАО-и навин ва классик” (2018); “Техника ва рӯзноманигорӣ” (2018), 70 мақолаи илмӣ, илмию оммавӣ, беш аз 250 лавҳаю очерк, мақолаю табсира ва нигоришу мусоҳибаҳо тааллуқ доранд.

Дӯстмурод Бобоев аз соли 1996 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон буда, бо нишонҳои ифтихории “Аълочии матбуот”, “Аълочии фарҳанг” қадрдонӣ гардидааст.

Дӯстмурод Бобоев 20 сентябри соли 2020 бар асари бемории ҳамагири КОВИД аз дунё даргузашт ва ҷасадаш дар Оромгоҳи Қаротегини пойтахт ба хок гузошта шуд.

# АЗ МУАЛЛИФ

Аз ҳамкорони гиромӣ Мурод Муродӣ, Қутбиддин Мухторӣ, Сангини Гулзод, Бахтиёри Қутбиддин, Саъдулло Ҳайдарӣ барои маслиҳату машварати муфид дар раванди таълифи ёдномаи мазкур сипосгузорам!

Ба ректори муҳтарами Донишгоҳи миллии Тоҷикистон профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, ки барои чопи китоби мазкур мусоидат намуданд, арзи сипос менамоям!

## Мундарича


1. Зикри хайр (ба ҷойи сарсухан ............... 3-5
2. Устоди кордон, хоксор, ғамхор ............ 6-13
3. Духтари журналист ................................ 14-21
4. Ҳикмати Асрорӣ ................................ 22-32
5. Муаллими аввалин ................................ 33-42
6. Пайванди Донишгоҳ .............................. 43-50
7. Табъи гуҳарбор дошт ӯ ........................... 51-58
8. Сухандонон сухан аз баҳри дигарон гӯянд 59-70
9. Дилро ба дил раҳест .................................. 71-83
10. Дӯсти дӯстпарвар ...................................... 84-95
11. Дилҷӯву меҳрубон буд Дӯстмурод ........... 96-105
12. Замима ...................................................... 106-141